*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№1 (12486)
2 январи
соли 2025

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

РОҲНАМО



# ПАЁМИ

## Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»

**28.12.2024, шаҳри Душанбе**

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

**Ҳамватанони азиз!**

Паёми имсолаи Роҳбари давлат дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар дар бинои нави мақоми олии қонунгузори мамлакат – Маҷлиси Олӣ баргузор мегардад.

Ба ин муносибат ҳамаи шумо – вакилони муҳтарамро табрик мегӯям.

Соли чорӣ мардуми шарафманди Тоҷикистон 30-юмин солгарди қабули нахустин Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли худро бо ифтихору шукргузорӣ аз соҳибватаниву соҳибдавлатӣ таҷлил намуданд.

Конститутсия ҳамчун санади тақдирсози давлати тоҷикон заминаи ҳуқуқии давлатдории мустақил, соҳибихтиёрии миллӣ ва рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи кишварро фароҳам овардааст.

Ҳоло кишвари мо дар марҳалаи нави тараққиёти худ қарор дошта, бо амалӣ намудани стратегияву барномаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардида истодааст.

Дар баробари ин, нооромиву низоъҳо дар минтақаҳои гуногуни олам, шиддат гирифтани мухолифатҳои сиёсӣ ва таҳримҳо миёни кишварҳои абарқудрат, мусаллаҳшавии бошитоб, «ҷанги сард», тағйирёбии иқлим, инчунин, канда шудани занҷираҳои таҳвили молу маҳсулот ва дигар омилҳои берунӣ моро водор месозанд, ки барои пешгирӣ кардани таъсири манфии онҳо ба иқтисодиёти кишвар тадбирҳои саривақтӣ андешем.

Дар ин ҷода моро зарур аст, ки дар заминаи амалисозии ҳадафҳои миллиамон, пеш аз ҳама, амнияти миллӣ ва рушди устувори иқтисодиро таъмин намоем ва сатҳу сифати зиндагии мардумро боз ҳам баланд бардорем.

Зеро мардуми мо мисли халқҳои дигар мамолики мутамаддин ҳуқуқи маънавии зиндагии шоистаро доранд.

Ин аст ҳадафи олии сиёсати давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон.

Ҳукумати мамлакат бо истифода аз ҳамаи захираву имкониятҳои мавҷуда ҷиҳати мунтазам беҳтар гардонидани шароити зиндагии мардум нақшаҳои бузурги созандагиро роҳандозӣ карда истодааст.

Соли 2024-ум ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар ба беш аз 150 миллиард сомонӣ ва суръати рушди воқеии он ба 8,4 фоиз расонида шуд.

Қобили зикр аст, ки дар панҷ соли охир суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,7 фоизро ташкил дод.

Ҷиҳати рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва амалисозии лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузории давлатӣ, инчунин, татбиқи нақшаву барномаҳои миллӣ, соҳавӣ ва маҳаллӣ дар панҷ соли охир аз ҳисоби буҷети давлат ва сармояи дохиливу хориҷӣ зиёда аз 197 миллиард сомонӣ равона карда шуд.

Барои иҷрои нақшаи корҳои ободониву бунёдкорӣ ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ аз ҳисоби соҳибкорону шахсони саховатпеша ва сокинони бонангу номуси кишвар дар се соли охир беш аз 20 миллиард сомонӣ харочот карда шуд.

Корҳое, ки дар ин самт анҷом дода шуданд, ба таъмин гардидани нишондиҳандаҳои пешбинигардидаи рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва пешрафту ободии шаҳру деҳоти мамлакат мусоидат намуданд.

Дар доираи нақшаи зикргардида дар се соли охир дар мамлакат беш аз 1500 иншооти соҳаи маориф, яъне, муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ, 660 иншооти соҳаи тандурустӣ, 480 иншооти варзиш, 175 иншооти фарҳангу фароғат ва ҳазорҳо иншооти дигари истеҳсоливу иҷтимоӣ бунёд ва ба истифода дода шуданд.

Дар ҳамаи ин корҳои хайри ободонӣ саҳми соҳибкорон ва сокинони мамлакат бисёр бузург мебошад.

Бо истифода аз фурсат, ба ҳамаи соҳибкорон, шахсони саховатпеша ва кулли мардуми Тоҷикистон барои дастгирии ташаббусҳои Ҳукумат ва саҳмгузорӣ дар ободиву пешрафти мамлакат сипосу миннатдории самимӣ баён мекунам.

Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои мушаххас даромади пулии аҳолӣ аз 48 миллиард сомонии соли 2019-ум ба 147 миллиард сомонӣ дар соли 2024-ум расид.

Яъне, нишондиҳандаи мазкур 3 баробар зиёд гардида, музди миёнаи меҳнат беш аз 1,8 баробар ва андозаи миёнаи нафақа 1,5 баробар афзоиш ёфт.

Танҳо дар асоси пешниҳоди паёми соли гузашта аз аввали соли 2024-ум маоши хизматчиёни ҳарбӣ, ҳайати шахсии қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ, прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 40 фоиз баланд бардошта шуд.

Аз моҳи июл маоши хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, стипендияҳо 40 фоиз ва андозаи нафақа 30 фоиз зиёд карда шуд.

Тавассути амалисозии тадбирҳои зарурӣ дар сатҳи муътадил нигоҳ доштани таваррум таъмин гардида, соли 2024-ум 3,6 фоизро ташкил дод.

Хотирнишон менамоям, ки дар панҷ соли охир маоши вазифавии кормандони соҳаҳои буҷетӣ чор маротиба (солҳои 2020, 2022, 2023, 2024) ва дар маҷмуъ, ба андозаи 100 фоиз зиёд карда шуд.

Дар ин муддат, яъне, дар панҷ соли охир сатҳи таваррум ё баландшавии нархҳои истеъмолӣ ҳамагӣ 29 фоизро ташкил кард.

Яъне, дар ин давра маош, нафақа ва стипендияҳо нисбат ба сатҳи таваррум бамаротиб зиёд гардиданд, ки бевосита ба коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ ва беҳтар гардидани шароити зиндагии мардуми кишвар мусоидат намуданд.

Бо вуҷуди пешравиҳои зикргардида, Ҳукумати мамлакат, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор карда мешаванд, ки иҷрои сариваќтиву босифати барномаву нақшаҳои қабулгардида ва дар ин замина рушди иқтисоди кишварро дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин намоянд.

Илова бар ин, дар соли 2025-ум доир ба масъалаҳои пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, ташаккули «иқтисоди сабз», рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ва истифодаи васеи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тадбирҳои мушаххас андешида шаванд.

Ҳамчунин, идоракунии самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ ва таъсис додани ҷойҳои кории нав, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ ва тақвияти иқтидори содиротии мамлакат таъмин карда шавад.

Вазорати рушди иқтисод ва савдо дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, бо дарназардошти амалисозии ҳадафҳои пешбинигардида, то охири соли 2025-ум лоиҳаи «Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2026 – 2030»-ро таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

Дар хуҷҷати зикршуда ба масъалаҳои рушди сармояи инсонӣ, тақвияти иқтидорҳои истеҳсолӣ ва истифодаи технологияҳои муосир, ташкили истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатнок бо арзиши баланди иловашуда, пайванди илм бо истеҳсолот ва ташаккул додани иқтисоди ба дониш ва ихтироъкориву навоварӣ асосёфта тавҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда шавад.

**Вакилони муҳтарам!**

Ташаккул додани маърифати молиявии шаҳрвандон ва баланд бардоштани фарҳанги андозсупорӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии татбиқи самараноки сиёсати андозу буҷет, аз ҷумла, дар масъалаи гузариш ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ барои ноил гардидан ба устувории молиявии давлат ва рушди иқтисодӣ нақши муҳим дорад.

Дар робита ба ин, ба Ҳукумати мамлакат ва вазорату идораҳои дахлдор супориш дода мешавад, ки

*(Давомаш дар саҳ. 2)*

*Ситоиши дӯст ситоиши худ аст.*
*Менандр*

«Омӯзгор»
№1, 2 январи
соли 2025

# ПАЁМИ

## Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»

*(Аввалаш дар саҳ. 1)*

доир ба баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявӣ ва фарҳанги андозсупории шаҳрвандон чораҳои судмандро амалӣ созанд.

Ҳамчунин, Вазорати молия, Бонки миллӣ, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ якҷо бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки ҳалли масъалаҳои вусъат додани истифодаи технологияҳои муосири рақамиро ҳарчи зудтар таъмин намоянд.

Дар ин раванд, то охири соли 2025 пардохтҳои ғайринақдӣ дар соҳаҳои буҷетӣ ва хизматрасониҳои давлатӣ пурра таъмин карда шаванд.

Дар бисёр кишварҳо нишондиҳандаи пардохтҳои ғайринақдӣ 80 – 90 фоизро ташкил медиҳад.

Ин яке аз роҳҳои асосии таъмин намудани шаффофияти амалиёти хизматрасонӣ, баҳисобгирӣ ва пешгирии коррупсия мебошад.

Бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи афзояндаи иқтисоди миллӣ ва аҳолӣ дар панҷ соли охир аз ҷониби низоми бонкии кишвар беш аз 80 миллиард сомонӣ қарз дода шудааст.

Ҷиҳати идома додани ин раванд ба Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзӣ супориш дода мешавад, ки ҳаҷми пешниҳоди қарз ба иқтисодиётро ҳамасола зиёд намоянд.

Нишондиҳандаи мазкур то охири соли 2027 бояд ба беш аз 100 миллиард сомонӣ расонида шавад.

Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзӣ барои боз ҳам баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ, ҷалби бештари пасандозҳои шахсони воқеиву ҳуқуқӣ ва вусъат бахшидани фаъолияти низоми рақамии хизматрасониҳои бонкиву молиявӣ бояд чораҷӯӣ намоянд.

Ҳамзамон бо ин, ҷиҳати таъсис додани филиалҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ, зиёд кардани пешниҳоди қарзҳо бо фоизи нисбатан паст ва таъмин намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои босифати бонкӣ, бахусус, дар ноҳияҳои дурдасти мамлакат тадбирҳои мушаххас андешанд.

**Вакилони муҳтарам!**

Тоҷикистон дар ҷодаи гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҷиҳати таъмин намудани шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст.

Дар панҷсолаи минбаъда ҷиҳати пешбурди иқтисоди рақамӣ бояд ба самтҳои зерин диққати аввалиндараҷа дода шавад:

Якум, такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ.

Дуюм, то шабакаҳои панҷ – ҷӣ (5G) инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои коркарди маълумот, таъсиси махзани мукаммали миллии маълумот.

Сеюм, рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили махзани ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ.

Чорум, рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ.

Панҷум, истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ.

Шашум, андешидани чораҳо дар самти таъмин намудани амнияти киберии махзанҳои маълумот.



Ҳафтум, ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ.

Бо ин мақсад, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, адлия, молия, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Бонки миллӣ, хадамоти алока, гумрук, Кумитаи андоз ва дигар вазорату идораҳо фароҳамсозии асосҳои ҳуқуқиву ташкилӣ, танзими давлатӣ, маблағгузории ташкили инфрасохтори иқтисоди рақамӣ, инчунин, муносибатҳои иштирокчиёни соҳибкории рақамӣ ва савдои электрониро таъмин намоянд.

Ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт пешниҳод менамоям, ки солҳои 2025 – 2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шаванд.

Ба вазоратҳои адлия, рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ ва вазорату идораҳои дахлдор супориш дода мешавад, ки барои тасдиқи нақшаи мукаммали пайванди инноватсия бо истеҳсолот санади меъёрии ҳуқуқии дахлдорро ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Ҳамзамон бо ин, дар низоми таълимии муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилоти касбӣ равияи омода кардани барномасозон ва дигар ихтисосҳои зарурӣ барои рушди иқтисоди рақамӣ ва барномасозӣ ҷорӣ карда шавад.

Дар ин раванд, муҳайё кардани шароити беҳтарин барои тарбияи кадрҳо, пешниҳод намудани имтиёзҳои гуногун, ҳавасмандгардонии мутахассисони самти технологияҳои иттилоотӣ ва бозомӯзӣ дар муассисаҳои пешқадами хориҷӣ зарур дониста мешавад.

Дар робита ба ин, пешниҳод мегардад, ки дар заминаи Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии шаҳри Кӯлоб Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамӣ таъсис дода шавад.

Ба ин донишгоҳ мақоми пойгоҳи асосии тайёр кардани мутахассисони самти мазкур дода, илова бар ин, дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар факултаю кафедраҳои дахлдор таъсис дода шаванд.

Вазорати маориф ва илм ва Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, дигар вазорату идораҳои марбута дар муҳлати чор моҳ лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии заруриро доир ба ин масъала таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

**Вакилони муҳтарам!**

Ҳукумати мамлакат ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ пайваста чораҷӯӣ карда истодааст.

Татбиқи ислоҳот дар самти санҷиши субъектҳои хоҷагидор имкон дод, ки то имрӯз шумораи мақомоти санҷиш аз 31 то ба 23 ва санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз 300 ҳазори соли 2016-ум то 42 ҳазор дар соли 2024-ум кам гардад.

Аз ҷумла, муқаррароти дар Кодекси андоз доир ба роҳандозии санҷишҳои андоз тибқи низоми идоракунии хавфҳо имкон дода истодаанд, ки шумора ва муҳлати гузаронидани онҳо маҳдуд ва сифатнокӣ таъмин карда шавад.

Тибқи маълумот соли 2023 нисбат ба соли 2014 шумораи санҷишҳои андоз дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ду баробар кам гардидааст.

Вале маблағҳои дар натиҷаи санҷишҳо ошкор ва пардохтшуда чор баробар афзоиш ёфтаанд.

Танҳо дар 11 моҳи соли 2024 аз ҳисоби санҷиши 1150 андозсупоранда ба буҷети давлат иловатан 1 миллиарду 640 миллион сомонӣ ворид карда шудааст.

Чунин ҳолат гувоҳи риоя нагардидани қонунгузории андоз аз ҷониби баъзе субъектҳои хоҷагидор ва сатҳи пасти фарҳанги андозсупории онҳо мебошад.

Бо мақсади дастгирии минбаъдаи рушди соҳибкорӣ зарур аст, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» бо роҳи такмил додани меъёрҳои амалкунандаи арзёбии хавфҳо шумораи санҷишҳо ва даврияти гузаронидани онҳо (ба истиснои хавфҳои андоз) боз ҳам маҳдуд карда шавад.

Пешниҳод менамоям, ки дар давраи такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршуда бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, фароҳам овардани фазои мусоид барои ҷалби сармоя ва таъсиси ҷойҳои корӣ ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ (ба истиснои санҷишҳои мақомоти андоз) то 1-уми январи соли 2027-ум мораторий эълон карда шавад.

Бинобар ин, ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ супориш дода мешавад, ки якҷо бо дигар мақомоти марбута дар муҳлати як моҳ лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқиро оид ба амалисозии ин пешниҳод таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат манзур намояд.

Ҳамзамон бо ин, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои соҳавӣ бо зикри маълумоти мушаххасу дақиқ оид ба захираву имкониятҳои мавҷуда, соҳаҳои афзалиятнок ва самтҳои асосии беҳтар намудани фазои сармоягузории кишвар дар муҳлати се моҳ Стратегияи ҷалби сармояро барои давраи то соли 2040 таҳия намояд.

Масъалаи истифодаи соҳибкорону сармоягузорон аз имтиёзи андоз аз фоида ҳангоми бунёди корхонаи нав низ таҷдиди назарро талаб менамояд.

Ҳоло имтиёзи зикршуда на аз оғози фаъолияти истеҳсолии корхона, балки аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии он ҷорӣ мегардад.

Дар чунин ҳолат қисми зиёди муҳлати имтиёзӣ ба давраи бунёд ва таҷҳизонидани корхонаи нав, яъне, то ба даст овардани фоида рост меояд ва соҳибкорону сармоягузорон аз ин имтиёз пурра бархурдор намешаванд.

Аз ин рӯ, Вазорати молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Кумитаи андоз вазифадор карда мешаванд, ки оид ба такмил додани механизми татбиқи имтиёзи андоз аз фоида барои корхонаҳое, ки фаъолияти истеҳсолии навро ба роҳ мондаанд, дар муҳлати ду моҳ санадҳои дахлдорро таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Қобили зикр аст, ки дар натиҷаи дастгириҳои пайвастаи давлат ва Ҳукумати мамлакат солҳои охир аз ҷониби соҳибкорону сармоягузорон бунёди иншооти таъиноти иқтисодиву иҷтимоӣ вусъат ёфта истодааст.

Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар ҳамкорӣ бо соҳибкорону сармоягузорон ба сифати сохтмон ва санъати баланди меъмории иншооту биноҳои бунёдшаванда, ки бояд ба зебо гардидани симои шаҳру ноҳияҳо мусоидат карда, ба мардум садсолаҳо хизмат намоянд, аҳаммияти аввалиндараҷа диҳанд.

**Вакилони муҳтарам!**

Дар доираи ҳадафи стратегӣ оид ба саноатикунонии босуръат дар панҷ соли охир ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти саноатии кишвар аз 27 миллиард ба 53 миллиард сомонӣ расонида шуд, ки қариб ду баробар зиёд мебошад.

Дар ин давра дар мамлакат беш аз 2040 корхонаи саноатӣ ва 74 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шуд.

Танҳо дар соли 2024-ум 740 коргоҳу корхонаҳои нави истеҳсолӣ бунёд гардида, дар ин бахш, дар маҷмуъ, қариб 20 ҳазор ҷойи корӣ ташкил карда шудааст.

Суръати миёнасолонаи рушди соҳа дар ин давра дар сатҳи 15 фоиз таъмин гардид, ки бо дарназардошти имконияту иқтидорҳои мавҷуда барои ноил шудан ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар ҳанӯз нокифоя мебошад.

Хотирнишон месозам, ки суръати рушди соҳа ҳар сол на кам аз 20 фоиз бояд таъмин карда шавад.

Аз ин лиҳоз, ба Вазорати саноат ва технологияҳои нав, дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди истеҳсолоти саноатӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Инчунин, ҷиҳати ҳавасманд намудани фаъолияти навоварӣ, дар истеҳсолот васеъ истифода кардани технологияҳои инноватсионӣ ва дастгирии ташаббусҳои созандаи соҳибкорон дар ин ҷода, хусусан, доир ба коркарди ашёи хом дар дохили мамлакат тадбирҳои фаврӣ роҳандозӣ карда ша-

*(Давомаш дар саҳ. 3)*

# ПАЁМИ

## Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»

*(Аввалаш дар саҳ. 2)*

ванд.

Тақвияти корҳо доир ба истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ва рушди иқтидори истеҳсолии кишвар, баланд бардоштани рақобатнокӣ ва гуногуннавъии истеҳсолоти саноатӣ, зиёд кардани ҳаҷми истеҳсолоти саноати коркард, афзоиш додани арзиши иловашудаи молҳои саноатӣ дар асоси рушди маҷмааҳои соҳавӣ зарур мебошад.

Вазорати саноат ва технологияҳои нав дар ҳамкорӣ бо дигар сохтору мақомоти марбута ҷиҳати коҳиш додани содироти ашёи хом ва зиёд намудани содироти молу маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда бояд тадбирҳои судманд андешад.

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳукумати мамлакат бо мақсади расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва дар ин замина таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ бо истифода аз ҳамаи имконияту сарчашмаҳои мавҷуда, хусусан, манбаъҳои рушди «энергияи сабз» мунтазам чораҷӯйӣ карда истодааст.

Ҳоло корҳои таҷдиду азнавсозӣ дар неругоҳҳои барқи обии «Норак» ва «Қайроққум» ба маблағи умумии 6 миллиарду 900 миллион сомонӣ ва сохтмони неругоҳи «Себзор» ба маблағи 700 миллион сомонӣ идома доранд.

То имрӯз ду агрегати неругоҳи «Норак» ва се агрегати неругоҳи «Қайроққум» пурра навсозӣ карда шуд.

Соли 2025 бо таҷдиду навсозии боз се агрегати дигар дар неругоҳи «Қайрокум» иқтидори он иловатан 24 мегаватт зиёд гардида, ба 174 мегаватт мерасад.

Инчунин, як агрегати дигар дар неругоҳи «Норак» таҷдид шуда, иқтидори он 40 мегаватт зиёд мегардад ва сохтмони неругоҳи «Себзор» бо тавоноии 11 мегаватт ба анҷом расонида мешавад.

Яъне, иқтидорҳои мавҷудаи энергетикии мамлакат дар соли 2025 танҳо аз ин ҳисоб 180 мегаватт зиёд мегарданд.

Дар баробари ин, соли 2025 дар вилояти Суғд сохтмони неругоҳи барқи офтобӣ бо иқтидори 200 мегаватт оғоз мегардад.

Имрӯзҳо бунёди неругоҳи барқи обии «Роғун» бо суръати баланд идома дошта, дар ду соли охир ба ин мақсад аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 9 миллиард сомонӣ харҷ гардидааст.

То имрӯз беш аз 50 фоизи корҳои сохтмони неругоҳи «Роғун» ба анҷом расонида шудаанд.

Ҳукумати мамлакат бо истифода аз ҳамаи сарчашмаҳо ҷиҳати сари вақт маблағгузорӣ намудани сохтмони ин иншооти стратегӣ мунтазам чораҷӯйӣ карда истодааст.

Дар ин ҷода бо як қатор созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва шарикони рушд ҳамкориҳои судманд ҷиҳати ҷалби маблағҳои имтиёзнок дар ҳаҷми 33 миллиард сомонӣ (ё 3 миллиард доллар), аз ҷумла, 12,5 миллиард сомонӣ грант (ё 1 миллиарду 150 миллион доллар) идома доранд.

То имрӯз созишномаҳои маблағгузории иншооти неругоҳ бо 6 созмон дар ҳаҷми умумии 10 миллиард сомонӣ, аз ҷумла 3,8 миллиард сомонӣ грант ба имзо расонида шуда, соли 2025 маблағгузорӣ аз ҷониби онҳо оғоз мегардад.

Аз ҷумла, 17-уми декабри соли ҷорӣ Шурои директорони Бонки Умумиҷаҳонӣ дар хусуси дар марҳалаи аввал ҷудо намудани 3,8 миллиард сомонӣ грант барои сохтмони неругоҳи «Роғун» қарор қабул кард.

Инчунин, аз ҷониби Бонки осиёии сармоягузориҳои инфрасохторӣ дар ҳаҷми 2,9 миллиард сомонӣ, Бонки исломии рушд 1,6 миллиард сомонӣ, Фонди Саудии рушд 1,1 миллиард сомонӣ, Хазинаи ОПЕК оид ба рушди байналмилалӣ 272 миллион сомонӣ ва Фонди Кувайтии рушди иқтисодии арабӣ 180 миллион сомонӣ қарзҳои имтиёзнок ҷудо гардидаанд.

Барои таваҷҷуҳ ва ҳамкориҳо ба ҳамаи созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва шарикони рушд миннатдории мардуми Тоҷикистонро баён менамоям.

Аз моҳи майи соли 2027-ум аз ҳисоби истеҳсоли неруи барқ дар «Роғун» ва силсилаи неругоҳҳои дарёи Вахш норасоии неруи барқ дар кишвар пурра бартараф ва Тоҷикистон ба истиқлоли комили энергетикӣ ноил мегардад.

Бинобар ин, Сарвазири мамлакат, муовини Сарвазир – сарпарасти соҳа, вазири энергетика ва захираҳои об, дигар вазорату идораҳои дахлдор, роҳбарони Ҷамъияти саҳҳомии «Неругоҳи барқи обии «Роғун», ширкатҳои соҳа ва марказҳои татбиқи лоиҳаҳо вазифадоранд, ки доир ба татбиқи саривақтии лоиҳаҳои сармоягузории давлатии соҳа, аз ҷумла, лоиҳаҳо дар самти паст кардани талафоти барқ тадбирҳои муассир андешанд.



Дар робита ба ин, дар соли 2025-ум лоиҳаи «Барномаи рушди соҳаи энергетикаи барқӣ» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зарурии соҳа, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод карда шаванд.

Ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон ва истифодаи имкониятҳои транзитии он ҳамчун яке аз ҳадафҳои асосии рушди кишвар пазируфта шудааст.

Соли 2024-ум дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ 155 километр роҳҳои дорои аҳаммияти байналмилаливу ҷумҳуриявӣ, 20 пули бузург ва 3 нақб ба маблағи умумии 4,6 миллиард сомонӣ сохта, ба истифода дода шуд.

Аз ҷумла, роҳҳои мошингарди «Роғун – Обигарм – Нуробод» ба маблағи 3,5 миллиард сомонӣ ба дарозии 76 километр ва «Бохтар – Левакант – Лолазор – Данғара» – 69 километр ба маблағи 800 миллион сомонӣ мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ бунёд карда шуданд.

Соли 2024-ум таҷдиду азнавсозии роҳҳои мошингарди «Данғара – Гулистон» – 50 километр ва «Гулистон – Фархор» ба дарозии 33 километр оғоз гардид.

Соли 2025 дар ҳудуди вилояти Суғд бунёду барқарорсозии 52 километр роҳҳои мошингарди аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва байналмилалидошта ва дар мавзеи Барсеми Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 4,5 километр роҳ, 550 метр долонҳои зидди тарма, пул бо дарозии 82 метр аз болои дарёи Шорф ва пул аз болои дарёи Ғунд бо дарозии 200 метр ба анҷом расонида мешавад.

Солҳои охир таъмиру сохтмони роҳҳои маҳаллӣ вусъат пайдо карда, танҳо дар соли 2024-ум аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ, хусусан, бо саҳми соҳибкорону шахсони саховатпеша ва мардуми Тоҷикистон ба маблағи беш аз 1 миллиард сомонӣ зиёда аз 2 ҳазор километр роҳҳои маҳаллӣ таъмиру таҷдид гардида, бунёду азнавсозии 23 пул ба анҷом расидааст.

Бо таҷдиду азнавсозии роҳҳои мошингард дар зарфи панҷ соли охир тибқи арзёбии Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ мавқеи Тоҷикистон дар раддабандии ҷаҳонӣ аз рӯи нишондиҳандаи сифати роҳҳо дар байни 165 давлати ба таҳқиқот фарогирифташуда аз зинаи 50 ба 44-ум баромада, нисбат ба солҳои қаблӣ 6 зина баланд гардид.

Дар баробари ин, Вазорати нақлиёт вазифадор карда мешавад, ки ҷиҳати татбиқи сифатноки лоиҳаҳои сармоягузорӣ, сари вақт ва бо риояи меъёрҳои муосир амалӣ намудани бунёду азнавсозии роҳҳои дорои аҳаммияти байналмилалӣ, нигоҳдорӣ ва истифодаи дурусти роҳҳо, ташаккули долонҳои нақлиётии транзитӣ ва инфрасохтори онҳо тадбирҳои заруриро амалӣ намояд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Ҳукумати мамлакат рушди соҳаи сайёҳиро самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии худ мешуморад.

Шумораи сайёҳоне, ки соли 2024-ум ба Тоҷикистон омадаанд, ба 1 миллиону 400 ҳазор нафар расида, нисбат ба соли 2019-ум 12 фоиз афзудааст.

Вале нишондиҳандаи мазкур ба имкониятҳои таърихиву табиӣ, кӯҳнавардӣ, фарҳангӣ ва табобативу истироҳатии кишвар мувофиқ нест.

Дар баробари ҷалби сайёҳони хориҷӣ ба рушди сайёҳии дохилӣ низ бояд таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

Кумитаи рушди сайёҳӣ якҷо бо вазорату идораҳои марбута ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди сайёҳӣ, хусусан, бунёди инфрасохтори зарурӣ тадбирҳои иловагӣ андешад.

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат ба мунтазам афзоиш ёфтани истеҳсоли маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ ва беҳтар таъмин гардидани талаботи истеъмоливу саноатии кишвар мусоидат карда истодаанд.

Нишондиҳандаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз 39 миллиард сомонии соли 2019-ум ба 73 миллиард сомонӣ дар соли 2024-ум расидааст, яъне, дар панҷ сол 1,9 баробар афзудааст.

Бо вуҷуди ин, моро зарур аст, ки бо дарназардошти вазъи ҷаҳони имрӯза, тағйирёбии иқлим, хусусан, камобӣ ва хушксолиҳои пайиҳам дар бисёр кишварҳои дунё, болоравии нархи маводи ғизоӣ дар ҷаҳон ва таъсири манфии омилҳои зикршуда ба бозори истеъмолӣ тамоми имкониятҳоро барои рушди соҳаи кишоварзӣ сафарбар созем.

Ба Ҳукумати мамлакат, Вазорати кишоварзӣ ва вазорату идораҳои дахлдор супориш дода мешавад, ки дар шароити болоравии нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани сатҳи таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти ватанӣ барномаи амнияти озуқаворӣи кишварро барои панҷ соли оянда қабул ва амалӣ намоянд.

Бар замми ин, бо дарназардошти афзоиши аҳолии мамлакат, барномаи азхудкунии заминҳои нави кишоварзӣ дар мамлакат таҳия ва татбиқ карда шавад.

Инчунин, ҷиҳати самаранок истифода бурдани ҳар як ваҷаб замин, беҳтар гардонидани вазъи соҳаҳои тухмипарварӣ, ниҳолпарварӣ, зотпарварӣ ва таъмин намудани рушди инноватсионии соҳа бояд чораҳои саривақтӣ амалӣ карда шаванд.

Ҳамзамон бо ин, бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда масъалаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва дар ин замина таъмин намудани рушди саноати сабук ва хӯрокворӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, инчунин, нигаҳдориву афзоиш додани содироти он ба хориҷи кишвар ҳаллу фасл карда шаванд.

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар сиёсати давлати Тоҷикистон мақоми хос дошта, барои дастгирии соҳаҳои иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҳамасола зиёд карда мешавад.

Соли 2024-ум ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ ба 19 миллиард сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба буҷети соли 2023-юм беш аз 2 миллиард сомонӣ зиёд буда, 43 фоизи хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад.

Дар ин зимн, Ҳукумати мамлакат дар самти таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани музди меҳнат, нафақа ва стипендияҳо, инчунин, зиёд намудани даромади пулии аҳолӣ мунтазам тадбирҳои заруриро амалӣ карда истодааст.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани сатҳи некуаҳволии мардуми кишвар ва тақвият бахшидани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ супориш медиҳам, ки аз 1-уми сентябри соли 2025:

– маоши вазифавии кормандони муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии соҳаи маориф 30 фоиз зиёд карда шавад;

– маоши вазифавии кормандони дигар муассисаҳои соҳаи маориф, соҳаҳои илм, фарҳанг, варзиш, тандурус-

*(Давомаш дар саҳ. 4)*

**Соли 2024-ум 740 коргоҳу корхонаи нави истеҳсолӣ бунёд гардид.**

*Ҳар мусибатро бо сабр бояд пушти сар кард.*
*Вергилий*



# ПАЁМИ

## Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»

*(Аввалаш дар саҳ. 3)*

тӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ, инчунин, стипендияҳо 20 фоиз зиёд карда шавад;

– музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд карда шавад;

– ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба андозаи 1000 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад.

Дар баробари ин, аз 1-уми сентябри соли 2025 нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, иловапулӣ ба онҳо тибқи муқаррароти моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва андозаи нафақаи заминавӣ 10 фоиз зиёд, яъне, индексатсия карда шавад.

Ҳукумати мамлакат ба рушди соҳаи маориф таваҷҷуҳи аввалиндараҷа медиҳад.

Бо вуҷуди корҳои то имрӯз дар соҳаи маориф амалигардида, ба Ҳукумати мамлакат, Вазорати маориф ва илм ва роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода мешавад, ки бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ ва зиёд гардидани шумораи кӯдакону наврасон тадбирҳои мушаххас андешанд.

Яъне, дар панҷ соли оянда бо истифода аз ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва бо дарназардошти ҳадафи гузошташуда барои фарогирии 50 фоизи кӯдакони синну соли томактабӣ бунёди 800 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва беш аз 1000 муассисаи таҳсилоти умумиро таъмин намоянд.

Роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар панҷ соли оянда, бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ, барои дар ҳар як маҳалли аҳолинишин, ки 100 оила зиндагӣ мекунад, ҳатман бунёд кардани як муассисаи томактабӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Имрӯз дар соҳаи маорифи мамлакат ҳашт барномаи давлатӣ ва ду стратегияи дарозмуддат татбиқ шуда истодааст, ки ба рушду инкишофи таълиму тарбия, амалигардонии ислоҳоти соҳа, дастгирии мактабу омӯзгор, таълифи китобҳои дарсии насли нав ва такмили мазмуну мундариҷаи таҳсилот мусоидат менамояд.

Ҳамчунин, бо ин мақсад дар соҳа 11 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 4,6 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст.

Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар кишвар 3670 муассисаи нави таҳсилоти миёнаи умумӣ, 262 муассисаи томактабӣ ва 35 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ сохта, ба истифода дода шуд.

Агар соли 1991 дар Тоҷикистон 3229 муассисаи таҳсилоти умумӣ бо 1,3 миллион нафар хонанда фаъолият дошта бошад, пас имрӯз 4037 муассиса, аз ҷумла, 170 литсею гимназия, яъне муассисаҳои таълимии типи нав фаъолият менамоянд.

Шумораи умумии хонандагони онҳо беш аз 2 миллиону 300 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Соли 1991 дар кишвар ҳамагӣ 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо 69 ҳазор донишҷӯ фаъолият мекард.

Ҳоло шумораи ин муассисаҳо ба 48 ва донишҷӯёни онҳо ба зиёда аз 214 ҳазор нафар расидааст.

Имрӯз дар кишвар 65 литсейи касбҳои техникӣ, яъне, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо 23 500 хонанда ва курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ дар назди онҳо бо 12 000 хонанда, инчунин, 88 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ – коллеҷҳо бо 106 000 донишҷӯ фаъолият доранд.

Илова бар ин, дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 117 ҳазор ҷавонони боистеъдоди мамлакат барои таҳсил ба донишгоҳҳои бонуфузи 42 кишвари пешрафтаи ҷаҳон фиристода шудаанд.

Имрӯз 42 ҳазору 400 нафар ҷавонони мо дар 42 давлати мутараққии ҷаҳон таҳсили илм доранд, ки 13 ҳазор нафар ё беш аз 30 фоизи онҳо духтарон мебошанд.

Бояд гуфт, ки дар зинаи таҳсилоти олӣ масъалаҳои сатҳу сифати таълим, дараҷаи касбии омӯзгорон ва истифодаи технологияҳои муосир аз ҷониби онҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим, таҳкими заминаи моддиву техникӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, табодули илмии омӯзгорону донишҷӯён, корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва тадбирҳои тарбиявӣ ҳанӯз ба тақвият ниёз доранд.

Аз ин лиҳоз, Ҳукумати мамлакат, роҳбарони Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо, Академияи таҳсилот ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ доир ба ин масъалаҳо бояд тадбирҳои муассир андешида, рушди босуботу устувори муассисаҳои таҳси-



лоти олии касбиро дар солҳои наздик таъмин намоянд.

Мусаллам аст, ки рушди маориф бо пешрафти соҳаи илм пайванди ногусастанӣ дорад.

Мо соли 2024-ум бо аҳли илм ва маорифи кишвар ду маротиба мулоқот карда, мушкилот ва дурнамои соҳаро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ намудем ва барои ислоҳи вазъ дастуру супоришҳои қатъӣ додем.

Ҳоло амалисозии онҳо тибқи нақшаи чорабиниҳои тасдиқшуда бомаром идома дорад.

Илова бар ин, вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, Академияи миллии илмҳо, Комиссияи олии аттестатсионӣ, академияҳои соҳавӣ ва дигар сохторҳои марбутаро зарур аст, ки «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021 – 2030»-ро дар муддати ду моҳ таҷдиди назар карда, ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Дар шароити рушди босуботи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва вусъат ёфтани ҳамгироии Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ талабот ба мутахассисоне, ки сатҳи касбияти баланд дошта, забонҳои хориҷӣ, махсусан, русӣ ва англисиро хуб медонанд, рӯз ба рӯз меафзояд.

Бинобар ин, зарур аст, ки омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз зинаи таҳсилоти томактабӣ ба роҳ монда шавад.

Вазорати маориф ва илм вазифадор карда мешавад, ки ҷиҳати таҷдиди назар кардани стандартҳо ва нақшаву барномаҳои таълимӣ, ворид намудани воҳидҳои нави кории омӯзгорони забонҳои хориҷӣ, таҳияи маводи муосири таълимӣ, истифодаи босамари технологияҳои рақамӣ, усулҳои навини омӯзиши забон ва такмили маҳорати касбии омӯзгорон чораҳои қатъӣ андешад.

Ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки ҳамаи пешравию пирӯзии ҳар як давлат ва ҷомеаро мактабу маориф ва илму дониш таъмин мекунад.

Масалан, ман як кишвареро медонам, ки чандон бузург нест, вале аз лиҳози иқтисодӣ ва технологӣ бисёр пешрафтаву неруманд аст.

Зеро ин давлат ҳар сол фақат аз фурӯши идеяҳо ва кашфиёту ихтироот, ки маҳсули ақли шаҳрвандони он мебошанд, 35 миллиард доллар фоидаи соф ба даст меорад.

Сахми хонандагони мактабҳои миёна дар ин дастовард, яъне, ихтироот 1 миллиард долларро ташкил мекунад.

Харидорони ин идеяҳо асосан ширкатҳои бузургтарини дунё мебошанд.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки сабаби асосии бадбахтии ҳар як миллат ва давлат эътибор надодан ба сифати мактабу маориф, саҳлангорӣ кардан ба тарбияи кӯдак аз хурдсолӣ ва фароҳам наовардани муҳити мусоид барои таълиму тарбия мебошад.

Яъне, то вақте, ки тамоми ҷомеа ба мактаб ва низоми маориф рӯй наоварад, миллат дастнигар, хору зор, таҳқиргашта ва афроди он моил ба ҳама гуна ҷиноятҳои сангину пешгӯйинашаванда боқӣ хоҳанд монд.

Аз ин лиҳоз, метавон хулоса кард, ки сифати давлат на ба шумораи аҳолӣ, балки ба сифати аҳолӣ вобаста мебошад.

Бинобар ин, ташаббус дар ин самт бояд пурра дар дасти давлат бошад.

Маҳз барои ҳамин ман аз рӯзҳои аввали роҳбарии худ ба масъалаи илму маориф эътибори доимӣ ва аввалиндараҷа медиҳам.

**Вакилони муҳтарам!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Иқдомоти дар замони соҳибистиқлолӣ амалинамудаи Ҳукумати мамлакат ба рушди фарҳанг, ҳифзи мероси анъана ва суннату арзишҳои миллӣ ва дар натиҷа ба раванди болоравии сатҳи маънавиёти ҷомеа такони бузург бахшиданд.

Дар робита ба ин, бори дигар таъкид мекунам, ки фарҳанг ҳастии миллат аст.

Агар соли 2000-ум аз буҷети давлатӣ барои соҳаи фарҳанг ва варзиш ҳамагӣ 13 миллион сомонӣ ҷудо шуда бошад, пас дар соли 2024-ум ин нишондиҳанда 1 миллиарду 716 миллион сомониро ташкил дод.

Тайи 33 соли истиқлоли давлатӣ дар кишвар 18 театр, 50 қасри фарҳанг, 14 мактаби санъат, 126 китобхона, 61 боғи фарҳангу фароғат ва 20 осорхона бунёд карда шуд, ки имрӯз ҳамаи онҳо ба мардуми Тоҷикистон хизмат карда истодаанд.

Танҳо дар се соли охир дар доираи омодагӣ ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ 167 иншооти фарҳангу фароғат бунёду азнавсозӣ ва аз таъмир асосӣ бароварда шуд.

Имрӯзҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ сохтмон ва барқарорсозии 14 муассисаи соҳаи фарҳанг идома дорад.

Аз ҷумла, сохтмони бинои Вазорати фарҳанг ва Театри миллӣ дар пойтахти мамлакат босуръат идома дорад ва мо ният дорем, ки онҳоро дар рӯзҳои ҷашни 35-умин солгарди Истиқлоли давлатӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор диҳем.

То имрӯз мо Китобхонаи миллӣ сохтем, шабакаҳои махсуси телевизионӣ ташкил намудем, беш аз 100 ёдгории таърихиву фарҳангии дараҷаи миллӣ ва байналмилалиро таъмиру азнавсозӣ кардем, Агентӣ оид ба ҳифзи ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ таъсис додем ва бисёр корҳои дигарро ба анҷом расонидем.

Ман ин корҳоро барои он гуфта истодаам, ки роҳбарони шаҳру ноҳияҳо ибрат гиранд ва андеша кунанд.

Муассисаҳои соҳаи фарҳанг бояд дар маркази диққати онҳо қарор дошта бошанд.

Зеро фарҳанги миллӣ, ки заиф шуд, ҷояшро фарҳанги бегона пур мекунад.

Бо вуҷуди корҳои амалигардида, ҳоло дар кишвар 75 муассисаи садамавӣ ва 368 муассисаи таъмирталаби соҳаи фарҳанг вуҷуд дорад, ки ин масъала ҳалли фавриро тақозо менамояд.

Ба Вазорати фарҳанг ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дастур дода мешавад, ки то ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ камбудиву мушкилоти ҷойдоштаи соҳаро пурра бартараф намоянд.

Роҳбарони шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки дар ин муддат дар маркази ҳар як шаҳру ноҳияи мамлакат барои истеъдодҳои наврасу ҷавонон як мактаби мусиқӣ сохта, ба истифода диҳанд.

Назорати иҷрои дастури мазкур ба зиммаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти мамлакат вогузор карда мешавад.

Мо дар соҳаи фарҳанг истеъдодҳои зиёде дорем, ки гулчин ва тарбия кардани онҳо вазифаи мову шумост.

Дар шаш сол дар озмуни "Тоҷикистон – Ватани азизи ман" 21 ҳазору 500 нафар иштирок карда, қариб 500 нафари онҳо соҳиби ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм гардидаанд.

Дар озмунҳои дигар, аз ҷумла, «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм фурӯғи маърифат» ва «Тоҷикон – оинаи таърихи миллат» низ то имрӯз 2 миллиону 60 ҳазор нафар шаҳрвандони кишвар, хусусан, наврасону ҷавонон иштирок карда, қариб 1000 нафар соҳиби шоҳҷоиза, ҷойҳои намунавӣ ва ҷоизаҳои пулӣ гардидаанд.

Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо

*(Давомаш дар саҳ. 5)*

**То имрӯз беш аз 50 фоизи корҳои сохтмони неругоҳи «Роғун» ба анҷом расонида шудаанд.**

# ПАЁМИ

## Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»

*(Аввалаш дар саҳ. 4)*

ЮНЕСКО ба хотири гиромидошту арҷгузорӣ ба нобиғаҳои миллат, ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ ва муаррифии шоистаи онҳо дар арсаи байналмилалӣ талошҳои пайваста ба харҷ медиҳад.

Моро зарур аст, ки ҳифзи арзишҳои таърихиву фарҳангии миллати худ ва муаррифии боз ҳам бештари онҳоро дар арсаи байналмилалӣ ҳадафмандона идома диҳем.

Бо ин мақсад, вазоратҳои корҳои хориҷӣ ва фарҳанг маводи заруриро вобаста ба таҷлили 2550-солагии Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир омода ва ба ЮНЕСКО пешниҳод намоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳукумати мамлакат барои таъмин намудани фаъолияти босамари муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои тиббӣ ба аҳолӣ тадбирҳои заруриро амалӣ гардонида истодааст.

Дар соли 2025-ум барои соҳаи тандурустӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ 4,3 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2024-ум 840 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Тайи чанд соли охир мо бинои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро, ки кормандони он дар шароити бисёр номусоид фаъолият мекарданд, инчунин, биноҳои ду муассисаи бузурги таҳсилоти олии тиббӣ – Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ва Донишгоҳи давлатии тиббӣ дар вилояти Хатлонро бо беҳтарин шароит бунёд карда, ба истифода додем.

Инчунин, даҳҳо беморхона ва дигар муассисаҳои тиббиро, ки 70 – 80 сол пеш сохта шуда буданд, таҷдиду азнавсозӣ ва бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин намудем.

Умуман, дар 33 соли соҳибистиқлолӣ, ғайр аз таъмиру таҷдиди муассисаҳои мавҷудаи соҳаи тандурустӣ, бо истифода аз ҳамаи имкониятҳо 3076 муассисаи нави тиббӣ бунёд карда шуд.

Бо вуҷуди корҳои амалигардида, ба роҳбарияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супориш дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо соҳибкорону сармоягузорон ҷиҳати то ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ пурра бартараф намудани мушкилоту масъалаҳои муассисаҳои тандурустӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

Тайёр намудани мутахассисон ва бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудани муассисаҳои тиббӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ва афзалиятноки соҳаи тандурустӣ мебошад.

Ман зимни вохӯриҳои худ масъалаҳои норасоии мутахассисон, паст будани сифати доруворӣ ва истифодаи самараноки таҷҳизоти ҳозиразамони тиббиро борҳо таъкид карда будам.

Роҳбарону масъулони соҳа вазифадоранд, ки барои ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта, таъмин намудани рушди бомароми соҳа ва тарбияи кадрҳои баландихтисос тадбирҳои зарурӣ андешида, хизматрасонии босифати тиббӣ ва фаъолияти босамари муассисаҳои тиббиро таъмин намоянд.

**Ҳамватанони азиз!**

Бо шуғли пурмаҳсул таъмин намудани аҳолӣ яке аз ҳадафҳои стратегии давлат муайян гардидааст.

Дар замони соҳибистиқлолӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди кишвар беш аз 4,1 миллион ҷойи корӣ таъсису барқарор карда шудааст.

Бо мақсади танзими самараноки бозори меҳнат зарурати таҳияи сиёсати фаъоли шуғли аҳолӣ ва механизмҳои самарабахши ташкиливу иқтисодии бунёди ҷойҳои нави корӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ба миён омадааст.

Аз ин рӯ, бо шуғли пурмаҳсул таъмин намудани аҳолӣ ҳамчун яке аз ҳадафҳои стратегӣ бояд зери таваҷҷуҳи доимии тамоми сохторҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ қарор дода шавад.

Дар ин замина, Ҳукумати мамлакат, роҳбарони вазорату идораҳо, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки тамоми имкониятҳоро барои дар панҷ соли оянда дар ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ таъсис додани беш аз 1 миллиону 400 ҳазор ҷойи кории нав сафарбар созанд.



Илова бар ин, дар муҳлати ду сол барои пурра ба кор даровардани корхонаҳое, ки аз фаъолият бозмондаанд, ҷораҷӯӣ карда, оид ба корҳои анҷомдодашуда ба Ҳукумати мамлакат ҳисобот диҳанд.

Аз ҳисоби ҷавонон омода намудани кадрҳои баландихтисос ва бо ҷойи кор таъмин кардани онҳо яке аз вазифаҳои муҳим мебошад.

Барои ҳалли ин масъала вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, рушди иқтисод ва савдо, маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, дигар вазорату идораҳои марбута бояд барномаи миёнамуҳлати барои соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисосро аз ҳисоби ҷавонон таҳия ва амалӣ намоянд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар аксари шаҳру ноҳияҳои кишвар марказҳои таълими калонсолон таъсис дода, то имрӯз дар онҳо беш аз 700 ҳазор шаҳрвандон ба омӯхтани касбу ҳунар ва забонҳои хориҷӣ фаро гирифта шудаанд.

Дар ин давра зиёда аз 1 миллиону 100 ҳазор нафар сокинони кишвар дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва марказҳои таълими калонсолон ба омӯхтани касбу ҳунар ва забонҳои хориҷӣ фаро гирифта шудаанд.

Илова бар ин, имрӯз дар 54 муассисаи касбомӯзии калонсолон 80 000 шаҳрвандон ба омӯхтани касбу ҳунар машғул мебошанд.

Танҳо дар як соли охир 4 маркази касбомӯзиву хизматрасонӣ ва рушди малакаҳо мавриди истифода қарор дода шуд, ки фаъолияти онҳо дар соҳибкасб гардонидани шаҳрвандон ва бо сертификатҳои байналмилалӣ таъмин кардани касбомӯзон нақши муҳим хоҳад дошт.

Ҳоло сохтмони боз ду марказ идома дошта, соли оянда ба истифода дода мешавад.

Марказҳои зикршуда метавонанд дар як сол беш аз 8000 нафар сокинони мамлакатро ба касбомӯзӣ ва забономӯзӣ фаро гиранд.

Ин раванд, бо дарназардошти ҳамасола афзоиш ёфтани шумораи аҳолии қобили меҳнат, бояд тақвият дода шавад.

Бо мақсади соҳибкасб намудани аҳолии кишвар ва рақобатнок гардонидани қувваи корӣ Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ вазифадор карда мешавад, ки якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои сераҳолии кишвар таъсис додани марказҳои касбомӯзиву хизматрасонӣ ва рушди малакаҳоро таъмин намояд.

Таълим дар ин марказҳо мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ба роҳ монда, ҳар сол дар онҳо фаро гирифтани на кам аз 120 ҳазор нафар шаҳрвандон таъмин карда шавад.

Илова бар ин, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар панҷ соли оянда ба 210 ҳазор нафар расонидани омодасозии мутахассисони касбу кори гуногунро бо сифати баланд дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ таъмин намояд.

Яъне, дар панҷ соли оянда дар ҳамаи муассисаҳои зикргардида беш аз як миллион шаҳрвандон бояд ба омӯхтани касбу ҳунар ва забонҳои хориҷӣ фаро гирифта шаванд.

Бо дарназардошти равандҳои муосир, вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, корҳои хориҷӣ, рушди иқтисод ва савдо ҷиҳати ҳалли масъалаи гуногунсамти муҳоҷирати меҳнатӣ ва дигар масъалаҳои дар ин самт мавҷуда тадбирҳои судманд андешанд.

**Вакилони муҳтарам!**

Дар қалби ҷавонон ҳамчун қувваи асосии пешбарандаи ҷомеа бедор намудани ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, арҷгузорӣ ба забон, таърихи фарҳанг ва тамаддуни миллӣ, баланд бардоштани нақш ва мавқеи онҳо дар ҷомеа аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми Давлату Ҳукумат мебошад.

Ҷавонон қишри фаъолтарини ҷомеа ва идомадиҳандаи кору пайкори насли калонсол мебошанд ва маҳз онҳо масъулияти фардои кишвари соҳибистиқлоли худро ба дӯш хоҳанд гирифт.

Мо ифтихор дорем, ки ҷавононамон нисбат ба Ватан меҳру муҳаббати самимӣ доранд, Ватанро содиқ дӯст медоранд, ба арзишҳо ва муқаддасоти миллӣ арҷ мегузоранд, иродаи мустаҳкам доранд ва сиёсати пешгирифтаи Давлату Ҳукумати мамлакатро бо ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси худшиносиву худогоҳӣ дастгирӣ мекунанд.

Мо аз ҷавонони кишвар умеди бузург дорем, ташаббусҳои созандаашонро минбаъд низ ҳамаҷониба дастгирӣ мекунем ва аз фаъолияти онҳо ба хотири рушду таҳкими давлатдории миллиамон ҳамеша қадрдонӣ менамоем.

Ҳоло 61 фоизи шумораи умумии кормандонро дар кишвар ҷавонон ташкил медиҳанд.

Ин нишондиҳанда дар хизмати давлатӣ 49 фоиз мебошад.

Мо минбаъд низ ба ҷавонон ҳамчун неруи боэътимод ва такягоҳи устувор таваҷҷуҳ хоҳем кард, зероояндаи миллату давлат аз онҳо вобаста мебошад.

Дар баробари ин, ҷаҳони пуртазоду ноороми муосир ҷавонони кишварро водор месозад, ки аз таҳаввулоти босуръати сайёра ҳамеша огоҳ бошанд, худ ва ҳамсолонашонро аз таъсири мафкураи радикаливу ифротӣ ва хурофотпарастӣ эмин нигоҳ доранд, барои ҳифзи истиқлолу озодии сарзамини аҷдодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ҳамеша омода бошанд.

Вобаста ба ин, бори дигар таъкид месозам, ки хурофот ҷаҳолат аст ва ҷаҳолат ба ҷомеа танҳо бадбахтӣ меоварад.

Бовар дорам, ки ҷавонони ватандӯсти мо минбаъд низ бо илму донишҳои замонавӣ, касбу ҳунарҳои муосир ва саъю талоши навҷӯёнаи худ барои рушди илму инноватсия ва боз ҳам таҳким ёфтани нуфузи кишварамон дар арсаи байналмилалӣ саҳми арзишманд мегузоранд.

Мо ба хотири таъмини саломатии аҳолӣ, хусусан, наврасону ҷавонон, таблиғи тарзи ҳаёти солим, оммавигардонии варзиш ва муаррифии давлату миллат дар арсаи байналмилалӣ соҳаи варзишро низ ҳамчун самти муҳимми фаъолияти давлатдорӣ дастгирӣ менамоем.

Бо ин мақсад дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ беш аз 10 ҳазор иншооти соҳаи варзиш бунёд карда шуд, ки нисбат ба 70 соли сохти гузашта даҳҳо баробар зиёд мебошад.

Масъалаи нигоҳубин ва дар ҳолати хуб нигоҳ доштани онҳо бояд ҳамеша дар мадди назари роҳбарони шаҳру ноҳияҳо ва масъулини соҳа бошад.

Мо аз қабул гардидани пешниҳодамон аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид, тавассути қатъномаи махсус эълон доштани Рӯзи ҷаҳонии футбол ва ба дастовардҳои варзишгарони тоҷик дар Бозиҳои тобистонаи олимпии Париж – 2024-ум ифтихор мекунем.

Инчунин, ҷаҳонӣ шудани гӯштини миллии тоҷикӣ низ боиси ифтихору шараф ва дар айни замон масъулияти мо дар самти муаррифии бештари он дар дохил ва хориҷи кишвар мебошад.

**Ҳамватанони азиз!**

Дар фарҳангу тамаддуни мо – тоҷикон иззату эҳтироми зан – модар ҳамеша ҷойгоҳи хос дорад.

Вале бояд гуфт, ки мақому манзалати занону бонувон ва нақши онҳо дар эъмори давлати муосир ва рушди ҷомеа маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ воқеан боло рафтааст.

Ҳоло дар кишвар 25 фоизи хизматчиёни давлатӣ, 73 фоизи кормандони соҳаи маориф, 71 фоизи кормандони соҳаи тиб, 47 фоизи кормандони соҳаи фарҳанг, 37 фоизи олимон ва 30 фоизи соҳибкоронро бонувону занон ташкил медиҳанд.

Имрӯз беш аз 110 ҳазор бонувону

*(Давомаш дар саҳ. 6)*

**Шумораи сайёҳоне, ки соли 2024-ум ба Тоҷикистон омадаанд, ба 1 миллиону 400 ҳазор нафар расидааст.**

# ПАЁМИ

## Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»

*(Аввалаш дар саҳ. 5)*

занони кишвар ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошанд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ зиёда аз 280 ҳазор нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олиро хатм кардаанд, яъне соҳиби маълумоти олӣ гардидаанд.

Аз оғози ҷорӣ гардидани квотаи президентӣ, яъне дар 28 соли охир 11 ҳазору 600 нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олиро бо квотаи президентӣ хатм кардаанд.

Илова бар ин, зиёда аз 35 ҳазор духтарону бонувон муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷиро хатм карда, соҳибмаълумот шудаанд.

Ҳоло аз 214 ҳазор нафар донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар 90 ҳазор нафар ё 42 фоизро духтарон ташкил медиҳанд.

Мо ба азму ирода ва масъулиятшиносии бонувону духтарони тоҷик ҳамчун неруи бузурги ҷомеа эътимоди комил дорем ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳоро идома медиҳем.

Соли ҷорӣ ман бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар мулоқоти махсус доир карда, вобаста ба масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа муфассал ва кушоду равшан ибрози назар намудам.

Дар мулоқоти зикршуда бори дигар андешаҳои худро оид ба мазмуну моҳият ва зарурату манфиати қабули қонунҳои миллӣ – «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» муфассал баён кардам.

Бовар дорам, ки бонувону занон ва модарону духтарони азизи мо дар амалисозии талаботу муқаррароти қонунҳои миллӣ, пешгирӣ кардани бегонапарастӣ, аз ҷумла, сару либос ва ойинҳои барои мардуми мо бегона, ба камол расонидани наслҳои солим, таҳкими сулҳу субот дар ҷомеа, пешрафти давлат ва ободии Ватан минбаъд низ саҳми арзишманди худро мегузоранд.

Зеро онҳо эҳёкунандаву нигоҳдоранда ва тарғибкунандаву посдорандаи беҳтарин суннату анъанаҳои миллӣ ва расму оинҳои асилу бостонии халқамон мебошанд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Муҳлати ваколати Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум ба охир мерасад.

Барои фаъолияти пурсамар ба аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон миннатдории худро изҳор менамоям.

Бо фармони Президенти мамлакат аз 4-уми декабри соли 2024 интихоботи вакилон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллӣ рӯзи 2-юми марти соли 2025 таъин гардид.

Интихоботи дарпешистода бояд тибқи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шаффофу озод ва дар сатҳи баланд баргузор гардад ва интихобкунандагон номзадҳои арзандаи худро интихоб намоянд.

Дар робита ба ин, таъкид менамоям, ки рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии мамлакат, суботи сиёсӣ ва оромиву осудагии мардуми Тоҷикистон аз таъмини амнияти миллӣ вобаста мебошад.

Яъне, таъмин намудани амнияти давлат ва ҷомеа дар шароити имрӯза зарурат ва аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Ҳукумати мамлакат ва сохтору мақомоти марбута дар ин самт тамоми чораҳоро меандешанд.

Аз ҷумла, ба масъалаҳои омода кардани мутахассисони ба талаботи шароити муосир ҷавобгӯй барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, баланд бардоштани сатҳи касбият ва маҳорату малакаи онҳо, инчунин, таҳкиму тақвияти пояҳои моддиву техникии ҷузъу томҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ минбаъд низ эътибори аввалиндараҷа дода мешавад.

Дар ин ҷода, мубориза бо терроризм ва экстремизм самти афзалиятнок ба шумор меравад, зеро ин зуҳурот ҳоло ба хатари глобалӣ мубаддал гардида, тамоми аҳли башарро ба ташвишу нигаронӣ овардааст.

Бо дарназардошти ин вазъ, моҳи майи соли 2018 бо ташаббуси Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмону кишварҳо дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзӯи «Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез», ки номи «Раванди Душанбе»-ро гирифтааст, баргузор гардид.



Дар ин ҳамоиш Тоҷикистон мавқеи устувори худро дар хусуси ба роҳ мондани ҳамкориҳои густурда ва ҳамоҳангшудаи байналмилалӣ иброз намуд.

Зеро ҳамоҳангии фаъолият дар миқёси байналмилалӣ ва минтақавӣ ба эҷоди механизми боэътимоди муборизаи муштарак бар зидди хавфу таҳдидҳои амниятӣ мусоидат менамояд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Вазъи ноором ва равандҳои пуртазоду мураккаб дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, ки пайомадҳои буҳронии сиёсиву иқтисодӣ доранд, ҳамоно боиси нигаронӣ мебошанд.

Гузашта аз ин, ҷомеаи байналмилалӣ ҳанӯз дар масири дарёфти роҳҳои муносиби ҳалли хавфу таҳдидҳои глобалии марбут ба тағйири иқлим қарор дорад.

Бо дарназардошти ин омилҳо, моро зарур аст, ки зимни пешбурди сиёсати хориҷӣ саъю талошамонро дар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ барои расидан ба ҳадафҳои созанда ҷиҳати пойдории сулҳу субот ва тавсеаи ҳамкориҳои гуногунҷанба тақвият диҳем.

Иштироки фаъол дар равандҳои ҷаҳонӣ бо мақсади ҳалли масъалаҳои умдаи аҳли башар аз авлавиятҳоест, ки дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон роҳандозӣ мегарданд.

Моҳи июни соли ҷорӣ дар Душанбе Конфронси сеюми байналмилалӣ дар соҳаи об доир гардид.

Кишвари мо дар идомаи ташаббусҳои созандаи худ дар арсаи байналмилалӣ доир ба пешбурди мавзӯъҳои обу иқлим соли 2025-ум дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид мизбони аввалин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряххо хоҳад буд.

Мо бояд ҳамкориҳоро дар самти обу ҳифзи пиряххо, баррасии пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ дар доираи имкониятҳои мавҷуда идома дода, ҷиҳати тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар қолаби «Раванди оби Душанбе» тадбирҳои зарурӣ андешем.

Стратегияи кишвари мо зимни рушду тавсеаи муносибатҳо бо давлатҳои Осиёи Марказӣ минбаъд низ дар заминаи ҳусни эътимод ва самимият бо ҳадафи мусоидат дар таҳкими фазои сулҳу субот ва таъмин намудани рушду пешрафти муштарак дар минтақа бунёд мегардад.

Тоҷикистон тавсеаи муносибатҳоро бо кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии худ медонад.

Тоҷикистон дар заминаи сиёсати хориҷии «дарҳои кушода» ва таҷрибаи ҳамкории беш аз се даҳсола бо кишварҳои Аврупо, Амрико, Осиё, Ховари Миёна ва давлатҳои дигар қитъаҳои дунё омодагии хешро ҷиҳати идомаи таҳкими муносибатҳои гуногунҷанба бо онҳо ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар қолабҳои бисёрҷониба изҳор мекунад.

Бо ин мақсад, мо аз тавсеаи робитаҳо, бахусус, дар самтҳои рушди «иқтисоди сабз», ҳифзи муҳити зист, технологияҳои навин, ҷалби сармоя ва тиҷорат истиқбол менамоем.

Мехоҳам махсус таъкид намоям, ки масъалаҳои вобаста ба ҳимояи ҳуқуқу озодӣ, шаъну шараф ва манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷи кишвар аз вазифаҳои афзалиятноки давлат мебошанд.

Тоҷикистон ҳамкориҳои созанда ва қобили дурнаморо дар доираи созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ, аз ҷумла, Созмони Милали Муттаҳид, созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва шарикони рушд густариш медиҳад.

Дар ин росто, кишвари мо робитаҳои худро бо Созмони ҳамкории Шанхай, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони ҳамкории исломӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва дигар сохторҳои марбут ба равобити бисёрҷониба вусъат бахшида, ҷиҳати идомаи иштироки фаъол дар равандҳои ҷаҳонӣ ва қолабҳои гуногуни байналмилалӣ талош меварзад.

Мо минбаъд низ барои расидан ба ҳадафҳои муайянгардида ва тавсеаи ҳамкориҳои созандаву дарозмуддат бо ҳамаи кишварҳои олам ва шарикони байналмилалии худ тадбирҳои зарурӣ меандешем.

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

**Ҳамватанони азиз!**

Дар паёми имрӯзаи Роҳбари давлат дастовардҳои ноилшудаи Тоҷикистон тайи вақтҳои охир, хусусан, дар панҷ соли гузашта баён гардиданд.

Ҳамчунин, вазифаҳо барои таҳким бахшидану афзун гардонидани онҳо ва бартараф намудани мушкилоту монеаҳое, ки дар ҳаёти ҷомеа ва давлати мо мавҷуданд, мушаххас карда шуданд.

Мехоҳам бо ифтихору қаноатмандӣ изҳор намоям, ки дастоварду пешравиҳои то имрӯз ноилгардидаи мо, пеш аз ҳама, натиҷаи талошу заҳмати мардуми шарифи кишвар мебошанд.

Бинобар ин, ба тамоми мардуми сарбаланду шарафманди мамлакат барои заҳмати аҳлона ва содиқонаву софдилона сипосу миннатдорӣ баён менамоям.

Дар баробари ин, хотирнишон месозам, ки иҷрои вазифаҳои гузошташуда ва бартараф намудани камбудиву мушкилоти мавҷуда аз тамоми халқи Тоҷикистон ва дар навбати аввал, аъзои Ҳукумат, вакилони мардумӣ, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, хизматчиёни давлатӣ, аҳли зиё ва фаъолони ҷомеа заҳмату талоши боз ҳам бештарро тақозо мекунад.

Мо вазифадорем, ки ба хотири пешрафти давлати соҳибистиқлоламон, ободии Ватани аҷдодиамон ва мунтазам беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии ҳар як хонадони мардуми шарафманди Тоҷикистон ҳар рӯз ва ҳамеша саъю талош намоем.

Хусусан, мо бояд тамоми саъю талоши худро ба хотири амалӣ намудани корҳои ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ пешбинигардида, яъне, ободии Ватанамон, пешрафти давлатамон ва боз ҳам беҳтар гардидани шароити зиндагии мардумамон равона созем.

Мо бояд мисли ҳамеша сарҷамъу муттаҳид бошем, Ватанамонро сидқан дӯст дорем, онро соҳибӣ кунем, ҳисси баланди миллӣ дошта бошем, аз тоҷик будани худ ифтихор намоем ва доим дар фикри фарзандони худ, хушбахтиву осоиши онҳо, ободии Ватан, миллат ва давлати хеш бошем.

Ман баояндаи дурахшони Тоҷикистони маҳбубамон эътимоди комил дорам.

Зеро ба иттиҳоду сарҷамъӣ, ваҳдати миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва саъю талоши хастагинопазири ҳар фарди ҷомеа эътимоду итминон дорам.

Хуб медонам, ки мо бо чунин мардуми ватандӯсту заҳматкаш тамоми нияту нақшаҳои некамонро дар солҳои наздиктарин амалӣ мегардонем ва Тоҷикистони азизамонро ба як кишвари пешрафтаву неруманд ва ободу сарсабз табдил медиҳем.

Дар ин ҷодаи пуршараф ба кулли мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамаи шумо – ҳозирини гиромӣ тандурустӣ ва барори кор орзу менамоям.

Бо истифода аз фурсат, тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзиамон ва ҳамаи шумо – ҳозирини арҷмандро ба муносибати Соли нави мелодии 2025-ум, ки ҳоло мо дар остонаи он қарор дорем, самимона табрик мегӯям.

Ба ҳар як хонадони мардуми фарҳангиву тамаддунсози тоҷик хушбахтӣ, хонаободӣ ва иқболи нек орзу менамоям.

**Саломат бошед!**

***www.president.tj***

**Дар Тоҷикистон «Стратегияи ҷалби сармоя барои давраи то соли 2040» таҳия мегардад.**

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ

# Ҷаласаи ҳайати мушовара дар моҳи декабр

***30-юми декабри соли 2024 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи ҳайати мушовараи вазорат бо баррасии як қатор масъалаҳо баргузор гардид.***

Зимни ифтитоҳи ҷаласа вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода иброз дошт, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ 28-уми декабр дар баробари дигар соҳаҳо таваҷҷуҳи хоси худро ба соҳаи маориф равона намуда, таъкид доштанд, ки «Ҳукумати мамлакат ба рушди соҳаи маориф таваҷҷуҳи аввалиндараҷа медиҳад». Дар ин замина, мо, кормандони соҳаро зарур аст, ки дар партави таваҷҷуҳ ба боварии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри рушди маориф тамоми неру ва имконияти хешро истифода намоем.

Сипас раиси ҷаласа ҳозиринро бо рӯзнома шинос намуда, аз рӯйи масъалаи якум баромади сардори раёсати илм ва инноватсия Сироҷиддин Ниёзӣ вобаста ба натиҷаи иҷрои талаботи низомномаҳои зинаҳои магистратура ва докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD) дар муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ (АМИТ, АИКТ, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Осорхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пажуҳишгоҳҳои илмии соҳаи тиб) шунида шуд.

Дар қисмати масъалаҳои асосӣ суханронии раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулхия Нозакзода вобаста ба рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2006, №197 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» ва сардори шуъбаи низоми ахборотии идоракунии маориф ва илм Нурулло Убайдуллозода вобаста ба ҷамъбасти ҳисоботи омории соҳаи маориф шунида шуд.

Дар идомаи ҷаласа директори Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ Наврӯзи Ҷумъамурод дар бораи «Нақшаи чопи китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар соли 2025» ва сардори раёсати таҳсилоти томактабӣ Ҷамшед Маҷидзода дар бораи «Тартиби ташкил ва фаъолияти шаклҳои алтернативии таълиму тарбияи томактабӣ» баромад намуданд.




Дар охир, вазири маориф ва илм дар доираи дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин доир ба беҳтар намудани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, иҷрои ҳатмию сариваҳтии стратегия, барнома, консепсия, қарорҳои ҳайати мушовара ва фармоишҳои вазири маориф ва илм, нашр ва бознашри китобҳои дарсӣ ва чанде дигар дастуру супоришҳои мушаххас дод.

# Таваҷҷуҳ ба омода намудани мутахассисони варзида

30-юми декабри соли 2024 дар ҳошияи Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ» вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода бо ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар вохӯрӣ намуд.



Зимни вохӯрӣ вазири маориф ва илм иброз дошт, ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ равандҳи давлатдории миллӣ, самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии мамлакат, стратегияи рушди устувори давлатдорӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таъмини зиндагии шоистаи мардум, татбиқи ҳадафҳои муҳимми миллӣ ва ҳифзи амнияту суботи сиёсии шаҳрвандонро муайян намуда, дастовардҳо, ҳолати рушди соҳаҳои ҷамъиятӣ ва имконияту тадбирҳоро ҷиҳати ҳалли мушкилот ва муаммоҳои ҷойдошта ба таври мушаххас ва асоснок амиқ таҳлилу пешниҳод мекунанд.

Вазири маориф ва илм қайд кард, ки дар Паёми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маориф мавқеи меҳварӣ касб намуда, Сарвари давлат вобаста ба муҳиммияти ин соҳа таъкид доштанд: «...то вақте ки тамоми ҷомеа ба мактаб ва низоми маориф рӯй наоварад, миллат дастнигар, хору зор, таҳқиргашта ва афроди он моил ба ҳама гуна ҷиноятҳои сангину пешгӯйинашаванда боқӣ хоҳанд монд. Аз ин лиҳоз, метавон хулоса кард, ки сифати давлат на ба шумораи аҳолӣ, балки ба сифати аҳолӣ вобаста мебошад. Бинобар ин, ташаббус дар ин самт бояд пурра дар дасти давлат бошад. Маҳз барои ҳамин, ман аз рӯзҳои аввали роҳбарии худ ба масъалаи илму маориф эътибори доимӣ ва аввалиндараҷа медиҳам».

Ҳамчунин, вазири маориф ва илм қайд кард, ки Сарвари давлат зимни ироаи Паём дар баробари дигар самту соҳаҳо вобаста ба фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ибрози назар намуда, аз сатҳи пасти омодакунии мутахассисони соҳа изҳори нигаронӣ намуданд. Аз ҳамин нуқтаи назар, моро зарур аст, ки корро дар ин самт ҷоннок намуда, мутахассисони сатҳи олӣ ва ҷавобгӯ ба бозори меҳнатро омода намоем.

Дар фарҷоми вохӯрӣ гуфта шуд, ки ҳар нуктаи Паём бояд барои кормандони соҳаи маориф, бахусус, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дастурамали корӣ ва роҳнамои ҳаррӯза бошад.

# Баррасии масъалаҳо дар ситод

27-уми декабри соли 2024 дар ҷаласаи Ситоди таъмини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо омӯзгорони касбӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор масъалаҳо баррасӣ ва роҳҳои ҳалли он пешниҳод шуданд.

Муовини вазири маориф ва илм Равшан Каримзода иброз дошт, ки дар баробари таваҷҷуҳи рӯзафзун ба соҳаи маориф, моро зарур аст, ки тамоми мушкилиҳои ҷойдоштаро бартараф намуда, вобаста ба иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба баланд бардоштани сифати таҳсилот, иштироки хонандагон дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ, касбияти кормандони соҳаи маориф, омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ кӯшишу талоши пайваста намоем.

Дар идомаи ҷаласа оид ба ҷамъбаст ва натиҷагирӣ аз натиҷаи олимпиадаҳои байналмилалӣ дар соли 2024 ҳисоботи Муҳаммадҷон Ғаффорзода - директори Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо, оид ба ваъзи обунашавӣ ба нашрияи «Омӯзгор» ҳисоботи Эҳсон Сафарзода – сармуҳаррири нашрияи «Омӯзгор» оид ба ҳолати фарогирии кормандони соҳаи маориф ба курсҳои баландбардории маҳорати касбӣ дар соли 2024, ҳисоботи Наврӯз Мирзозода – ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва вобаста ба тамошои дастаҷамъонаи Паёми навбатии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ва ободонии гирду атрофи муассисаҳои таълимӣ, андешаҳои сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ Шарофиддин Асомиддинзода шунида шуд.

Дар фарҷоми ҷаласа ба масъулин вобаста ба фарогирӣ ба марказҳои инкишофи кӯдак, назорати сатҳу сифати хӯроки кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, таъмини гармӣ дар муассисаҳо, риояи сарулибос, тозаву озода нигоҳ доштани муассисаҳо, тақвият бахшидани корҳои идеологӣ ва пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

Дар ҷаласа сардорони раёсату шуъбаҳои дахлдори вазорат, сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои кишвар, роҳбарони муассисаҳои тобеъ ва дигар кормандони соҳаи маориф низ ба тариқи ҳузурӣ ва маҷозӣ иштирок намуданд.

# Муҳокимаи «Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»

27-уми декабри соли 2024 бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон муҳокимаи «Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» доир гардид.

Дар муҳокимаи «Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» муовини вазири маориф ва илм Дилшод Сафарзода, сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумии вазорат, ҳамоҳангсози лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат», намояндагони кумитаи падару модарони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе иштирок намуданд.

Зимни муҳокима муовини вазири маориф ва илм қайд намуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маорифро ҳамчун самти калидии пешрафти кишвар ба таври мунтазам рушд ва тавсеа мебахшад. Роҳбарияти олии кишвар пайваста кӯшиш мекунанд, ки дар тамоми сатҳҳои таҳсилот, аз кӯдакистон то мактаби олӣ, таълим ба талаботи ҷаҳонӣ ва эҳтиёҷоти ҷомеа мутобиқ карда шаванд. Ҳадафи асосии «Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳрезӣ ва татбиқ кардани як низоми таълимие мебошад, ки дастрасӣ ва сифати таҳсилотро баланд бардошта, барои омодасозии насли нав ба талаботи бозори меҳнат дар арсаи ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бошад. Зеро рушди устувори кишвар аз рушди соҳаи маориф вобастагии калон дорад. Инчунин, дар доираи ин чаҳорчӯба бунёди муассисаҳои таълимии замонавӣ низ дар назар дошта шудааст.

Гуфта шуд, ки «Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» самтҳои муҳимми стратегии таъмини дастрасии баробар ба таҳсилот дар муҳити фарогир ва муҷаҳҳаз, баланд бардоштани сифати таълим, ворид намудани технологияи муосир ба раванди таълим ва ҳамкории оила ва муассисаҳои таълимиро дар бар мегирад.

Дар идома як қатор иштирокчиёни чорабинӣ вобаста ба моҳияти «Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» фикру андешаҳои худро ироа намуданд. Таъкид гардид, ки «Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қадами дигаре барои рушди маориф дар партави сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд амалӣ карда мешавад. Ҳадафи асосии он фароҳам овардани муҳити таълими созгор ба ҳар як хонандаи тоҷику тоҷикистонӣ мебошад. Таҳияи ин ҳуҷҷати муҳим дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2023 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ироа гардида буд.

***Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илм***

**Дар панҷ соли охир суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,7 фоизро ташкил дод.**

*Барои Ватан мурдан ифтихор ва шараф аст.*
*Горатсий*

«Омӯзгор»
№1, 2 январи
соли 2025

ПЕШРАФТ

# ФАЪОЛИЯТИ ДОНИШГОҲ ТАҚВИЯТ МЕЁБАД, СИФАТИ ТАЪЛИМ БАЛАНД МЕГАРДАД

Соли 2024 барои тамоми сокинони ВМКБ, хусусан, ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёну магистрантони Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев соли хотирмон ва файзбор ба ҳисоб меравад. Зеро дар ин сол сафари кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ВМКБ ба вуқуъ пайваст, ки барои рушди иқтисодиёту иҷтимоиёти минтақа такони ҷиддӣ бахшид. Боиси ифтихор аст, ки сафарҳои кории Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ду соли охир ба ВМКБ файзу эҳсони тоза ва баракату нусрати таърихиро эҳдо намуд. Ба истифода додани корхонаҳои истеҳсолию саноатӣ, биноҳои маишию хизматрасонӣ, муассисаҳои таълимию томактабӣ, муосирсозии инфрасохтори шаҳру ноҳияҳо, хонаҳои истиқоматӣ ва иншооти ҳарбӣ дилгармии мардумро ба фардо бамаротиб афзун намуд. Симои шаҳру ноҳияҳо ва марказҳои маъмурӣ ҳусну таровати хосро соҳиб гашт. Хушнудию хурсандии мардум ҳадду канор надошт, зеро меҳрубонию ғамхории Роҳбарияти олии мамлакат ба сокинони вилоят ва баҳои баландро соҳиб гаштани мардум рӯйдоди таърихӣ ба ҳисоб меравад. Шоистаи таъкид аст, ки дар ду соли охир 10 нафар устоди донишгоҳ низ дар қатори дигар хизматчиён ва сокинон соҳиби хонаҳои истиқоматии хидматӣ дар шаҳри Хоруғ гардиданд.

- Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев ягона боргоҳи илму ҳунар дар ҳудуди ВМКБ ба ҳисоб рафта, аз таваҷҷуҳу меҳрубониҳо ва дастгириҳои ҳамешагии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳра мегирад. Донишгоҳ худ меваи истиқлол буда, маҳз бо азму талош ва ҳидояти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 1992 таъсис ёфтааст, - зикр кард зимни суҳбат ректори донишгоҳ Комилбек Амид Ёрбек. - Фаъолияти донишгоҳ рӯйдоди муҳим ба ҳисоб рафта, аҳамияти бузурги сиёсӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ дошта, ҳамчун маркази илмӣ-маърифатӣ, неруи зеҳнӣ-илмиро муттаҳид намуда, ба ташаккули кадрҳои илмӣ-педагогӣ ва пешрафти соҳаҳои дигари хоҷагии халқ мусоидат намуд. Чун боргоҳи илмию маърифатӣ ва фарҳангӣ омили пешрафти ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаи кӯҳистон гардида, барои тарбияи ахлоқӣ, ташаккули худшиносии миллӣ, тақвияти маънавиёт ва маърифати аҳли ҷомеа заминаи устуворро фароҳам овард.

Фаъолияти 32-солаи донишгоҳ собит намуд, ки иқдоми наҷиб ва дастгириҳои пайвастаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тайёр намудани мутахассисони касбии соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ва рушди вилоят аҳаммияти бузург дорад. Дар ин муддат донишгоҳро зиёда аз 20 ҳазор нафар хатм намуданд, ки имрӯз дар соҳаҳои мухталиф ва ҳаёти ҷамъиятии кишвари азизамон – Тоҷикистон софдилонаву содиқона кор мекунанд.

Мусаллам аст, мо дар асре зиндагию фаъолият дорем, ки давраи пешрафти босуръати илму техника ва технологияи навин, пайдоиш ва пешрафти самтҳои нави илм ва дар маҷмуъ, табаддулоти ҷиддии илмиву техникӣ буда, сатҳи омӯзиш ва дар амал татбиқ кардани онҳо дар навбати аввал аз фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсили хубу босифати ҷавонон вобаста аст. Дар чунин шароит талабот ба фарогирии маърифату дониш торафт ҷиддӣ гардида, илм рӯз ба рӯз ба манбаи арзишманд ва сермаҳсули зиндагии аҳли башар табдил меёбад. Ҳамзамон, дар ҷаҳони муосир илму дониш ба сифати яке аз сарчашмаҳои асосии пешрафти ҷомеа табдил ёфта, аҳамияти муҳим пайдо карда истодааст.

Ба хотири таҳсили босамари донишҷӯён ва босифат тайёр намудани мутахассисони баландпоя дар донишгоҳ тамоми шароити таълимӣ, тарбиявӣ ва зист муҳайё карда шудааст. Раёсати донишгоҳ барои тайёр намудани мутахассисони ҷавобгӯи талаботи имрӯзаи соҳаҳои муҷтамеи агросаноатии ҷумҳурӣ тамоми имкониятҳоро фароҳам овардааст ва дар оянда низ тамоми неруи худро баҳри ин мақсад равон менамояд.

Донишгоҳ дорои 9 факултет буда, аз рӯйи 68 ихтисос дар шуъбаи рӯзона, ки аз онҳо 24 ихтисоси омӯзгорӣ ва 27 ихтисоси соҳавӣ, дар шуъбаи фосилавӣ аз рӯйи 17 ихтисос, ки аз онҳо 8 ихтисоси омӯзгорӣ ва 9 ихтисоси соҳавӣ мебошад, мутахассисони дорои маълумоти олии зинаи бакалавр, мутахассис дар зинаи магистратура аз рӯйи 25 ихтисос ва дар зинаи доктор (PhD) тайёр карда истодааст. Дар донишгоҳ айни ҳол 2448 нафар донишҷӯ таҳсил дошта, ба онҳо 529 нафар омӯзгор таълиму тарбия медиҳанд.




Бо мақсади ба низом даровардани раванди таълим, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ ва донишазбаркунии донишҷӯён ва ба талаботи бозори меҳнат мувофиқ гардонидани равияю ихтисосҳои донишгоҳ, ҳамчунин, хубтару беҳтар намудани корҳои ташкилӣ, таълимию методӣ кормандон корҳои зиёдро амалӣ намуданд.

Натиҷаи сессияҳои зимистона ва тобистонаи соли 2024 нишон дод, ки сатҳи донишазхудкунӣ дар сессияи зимистона 97,62% ва дар сессияи тобистона 97,9%-ро ташкил дода, сифати таҳсил мутаносибан 44,2 ва 44,7%-ро ташкил медиҳад. Муқоисаи нишондиҳандаҳои сифатӣ нисбат ба соли 2023 2.8% афзун гардидааст. Сифати таҷрибаомӯзӣ нисбат ба солҳои гузашта беҳтар гардида, донишгоҳ бо мақсади таъмини макони таҷрибаомӯзӣ бо корхонаву муассисаҳои таълимӣ шартномаҳо баста, ҳамаи намуди таҷрибаомӯзиҳоро ба роҳ мондааст.

Фаъолияти босамари комиссияи қабул ва беҳтар гардидани шароити таҳсил дар донишгоҳ имкон дод, ки соли ҷорӣ, дар маҷмуъ, ба курси аввали гурӯҳҳои академикии зинаи таҳсилоти бакалавр 663 нафар ва 233 нафар довталаб ба таври фосилавӣ дохил шуданд. Қабули писарон ва духтарон тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба донишгоҳ дар соли таҳсили 2024-2025 дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ ва берун аз он, дар маҷмуъ, 69 нафарро ташкил медиҳад. Мувофиқи қоидаҳои қабул, барои идомаи таҳсил ва таҳсилоти олии дуюм мувофиқан 86 нафар (шартномавӣ), ки аз инҳо 23 нафар маълумоти дуюм, 63 нафар идомаи таҳсилро (фосилавӣ ва ғоибона, шартномавӣ) дар бар мегиранд, қабул карда шуданд.

Дар баробари ин, соли 2024 донишгоҳро 665 нафар бомуваффақият хатм намуда, ба истеҳсолот равона карда шуданд. Шумораи гирандагони дипломи аъло дар зинаи бакалавр 30 нафар ё 5% ва зинаи магистратура 18 нафар ё 37%-ро ташкил дод.

Бояд қайд намуд, ки донишгоҳ дар таъмини муассисаҳои таълимии дигар минтақаҳои ватанамон бо устодони ботаҷриба аз ҳисоби хатмкунандагон саҳмгузор мебошад. Соли ҷорӣ, дар маҷмуъ, 20 нафар хатмкунандаи донишгоҳ дар доираи шартномаҳои чорҷониба ба ноҳияи Рашт сафарбар карда шуданд. Илова бар ин, ба мактабҳои Ҷамоати деҳоти Язғуломи ноҳияи Ванҷ низ хамкунандагон барои фаъолияти омӯзгорӣ равона гардиданд.

Масъалаҳои рушди илму пажуҳиш, таҳияи китобҳои дарсӣ, асарҳои илмӣ, ҷалби бештари ҷавонон ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, тайёр намудани кадрҳои илмӣ яке аз масъалаҳои меҳварии раёсати донишгоҳ ба ҳисоб меравад. Дар ин радиф, барои суръат бахшидан ба ин самт «Нақшаи дурнамои корҳои илмӣ–тадқиқотии донишгоҳ барои солҳои 2023–2027» ва «Нақшаи дурнамои тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ дар Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев барои солҳои 2021-2030» тасдиқ карда шуда, мавриди амал қарор доранд.

Ҳайати профессорону омӯзгорон, ходимони илмӣ, докторантҳо ва унвонҷӯёну муҳаққиқони донишгоҳ аз рӯйи 21 самт ва 32 мавзуи илмӣ, инчунин, аз рӯйи 2 мавзуи фармоишӣ корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мебаранд.

Базаи моддӣ-техникии донишгоҳ дар доираи нақшаи рушди донишгоҳ давра ба давра беҳтар гардида истодааст. Бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон соли ҷорӣ дар доираи «Барномаи рушди таҳсилот» ва «Барномаи мақсадноки рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ барои солҳои 2021-2025» ҷиҳати боз ҳам мустаҳкам гардидани пойгоҳи моддию техникӣ, дастгоҳу таҷҳизоти иттилоотию коммуникатсионӣ дастрас гардид. Пойгоҳи моддию техникии донишгоҳ низ сол аз сол таҳким ёфта, айни ҳол дар донишгоҳ 11 озмоишгоҳу марказҳои илмӣ-таълимӣ, 6 синфхонаи компютерӣ, 2 маркази тестӣ, 2 маркази инноватсионӣ, маркази таълимӣ-фарҳангии Ҳиндустон ва Россия, 1 толори инноватсионӣ барои баргузории семинару конференсияҳо бо 50 ҷойи нишаст, як толори лексионии дорои 80 ҷойи нишаст, як кабинети лингофонӣ, 6 лабораторияи таълимӣ бо 443 компютер, 77 ноутбук, 32 моноблок, 130 принтер, 49 проектор, 24 тахта электронӣ, 14 телевизиони калонҳаҷм, 13 сканер, 110 камераи мушоҳидавӣ дар хизмати устодону магистрантон ва докторантону унвонҷӯён баҳри пажуҳиши самарабахш намудан қарор доранд. Соли ҷорӣ китобхонаи илмии донишгоҳ пурра азнавсозӣ карда шуда, шароити хизматрасонӣ ва дастрасӣ ба китобҳо муосир кунонида шуд. Ҳамзамон, дар махзани китобхона зиёда аз 102 ҳазор ва зиёда аз 40 ҳазор нусхаи электронии китобҳо ва маводи таълимию илмӣ маҳфуз дошта шудааст. Дар назди факултети забонҳои хориҷӣ бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон синфхонаи лингофонӣ муҷаҳҳаз ва ба истифода дода шуд. Ҳамин тавр, сатҳи мустаҳкамшавии пойгоҳи моддию техникӣ давра ба давра рушд ёфта истодааст, ки 90 фоизи озмоишгоҳу марказҳо дар солҳои 2022-2024 ба истифода дода шудааст.

Ҳамзамон, тамоми синфхонаҳо ва озмоишгоҳҳои илмию таълимӣ бо камераҳои назоратии шунавоӣ таъмин карда шуд, ки барои баланд бардоштани таълиму низоми иҷрои масъулияти устодон мусоидат менамояд. Барномаи рақамикунонии тамоми раванди фаъолияти сохторҳои донишгоҳ рӯйи кор оварда шуда, бо воситаҳои иттилоотию иртиботӣ таъмин ва бонки маълумотҳо марказонида шуда истодааст. Ин бевосита барои фаъолияти босамари устодон, донишҷӯён ва кормандони сохторҳо такон бахшида, натиҷаҳо бо рақамҳо ишора карда мешаванд.

Самти афзалиятноки инкишофи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси соҳаи илм ва маориф мебошад. Вобаста ба ин, тайёр намудани кадрҳои баландихтисос яке аз вазифаҳои муҳимми раёсати донишгоҳ ба шумор меравад. Айни замон дар донишгоҳ ба ҳайси унвонҷӯ дар назди кафедраҳои тахассусии донишгоҳ 125 нафар дар зинаи магистратура, 173 нафар аз рӯйи 21 ихтисос ва зинаи докторантура (PhD), 38 нафар аз рӯйи 12 ихтисос ва докторантураи анъанавӣ, 7 нафар аз рӯйи 6 ихтисос таҳсили илм ва корҳои илмӣ – тадқиқотӣ дар асоси мавзуъҳои илмии тасдиқгардида фаъолият доранд.

Соли 2024 1 нафар рисолаи докторӣ ва 4 нафар рисолаи номзадиро ҳимоя намуда, 1 нафар рисолаи докторӣ ва 4 нафар рисолаи номзадиро барои ҳимоя пешниҳод карданд, ки ин нишонаи мустаҳкамшавии неруи зеҳнии донишгоҳ аст.

Донишгоҳ бо зиёда аз 30 донишгоҳи хориҷӣ ҳамкориҳои судманд дорад. Ҳамчунин, соли 2024 байни Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев ва Муассисаи таҳсилоти олии давлатии федералии Донишгоҳи давлатии гуманитарии Россия, Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, Донишгоҳи Севилияи Испания, Донишгоҳи Залсбурги Австрия ва як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонида шудааст.

Дар доираи ҳамкориҳо ва созишномаҳо, дар соли ҷорӣ 55 нафар устоду 2 нафар донишҷӯ барои иштирок дар семинарҳои омӯзишӣ ва такмили ихтисос ба давлатҳои хориҷӣ сафар намуданд. Ду донишҷӯ дар доираи ҳаракати мобилӣ дар давлатҳои Австрия ва Ҳиндустон таҳсил намуданд. Донишгоҳи давлатии Хоруғ бо донишгоҳҳои Қазоқистону Олмон ҳамкориро ба роҳ монда, ба «Шабакаи донишгоҳҳои устувор дар Осиё» - SLUN дар ҳамкорӣ бо барномаи СММ дохил шуд.

Раёсати донишгоҳ якҷо бо ҳайати профессорону устодон бо мақсади вусъат додани фаъолияти минбаъдаи хеш дар самтҳои татбиқи стратегия ва барномаҳои давлатӣ дарояндаи наздик кору пайкори назаррасро дар самти зиёд намудани кадрҳои илмӣ, илмӣ-педагогӣ аз ҳисоби ҷавонон, гузаронидани пажуҳишҳои мақсаднок оид ба мавзуъҳои муосири ҳимоятгари манфиатҳои миллӣ, иқтисодиёти сабз, иқтисодиёти рақамӣ, рушди сайёҳӣ, осори таърихӣ-адабӣ ва вобаста ба терроризму экстремизм ва роҳҳои паст намудани ифротгароӣ, таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, монографияҳо бо забони давлатӣ, кушодани ихтисосҳои нави мутобиқ ба бозори меҳнат, ҷалби бештари довталабон ба ихтисосҳои роиҷи донишгоҳ, баланд бардоштани сифати таълим, тайёр намудани мутахассисони соҳибкасби ба бозори меҳнат рақобатпазир, бо дастгирии мақомотҳои дахлдор вусъати корҳои созандагию бунёдкориро роҳандозӣ намояд.

– Устодону донишҷӯёни донишгоҳ, кулли кормандони ин боргоҳи илму маърифат тамоми донишу таҷриба ва кӯшиши худро ба он равон менамоянд, ки дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сифати баланд дар амал татбиқ гарданд, - зикр кард дар охир ректори донишгоҳ Комилбек Амид Ёрбек.

*Эҳсон САФАРЗОДА,*
*«Омӯзгор»*

**Дар панҷ соли оянда дар ҳама соҳаҳои иқтисоди миллӣ беш аз 1 миллиону 400 ҳазор ҷойи нави кор таъсис дода мешавад.**

РИСОЛАТ

***Дар ҷомеа омӯзгороне ҳастанд, ки ҳастии хешро ба таълиму тарбия бахшидаанд ва як лаҳза худро аз таълиму тарбия дур тасаввур карда наметавонанд. Фаъолияти ин гуна омӯзгорон шоистаи ибрату пайравист. Омӯзгори физикаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №45-и ноҳияи Рӯдакӣ Азимхон Малахов аз ҷумлаи омӯзгоронест, ки таълиму тарбияи насли наврасро ҳадафи якумри зиндагӣ ва сарнавишти хеш қарор додаанд. Мавсуф соли 1958 дар ноҳияи Рӯдакӣ таваллуд шуда, хатмкардаи факултети физикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад. Баъди хатми мактаб ба сифати омӯзгор дар мактаби №95-и ноҳияи Рӯдакӣ фаъолияти худро оғоз кардааст. Дар ин байн, солҳои 1982-1984 дар вазифаҳои корманди илмии ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур, муовини директори мактаби №95-и ноҳияи Рӯдакӣ кор кардааст. Соли 1990 барои хидматҳои шоистааш дар таълиму тарбия бо нишони «Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон» қадрдонӣ шудааст.***

***Ӯ имрӯз аз фаъолтарин омӯзгорони физика аст, ки ба нашрияҳои соҳавӣ ҳамкории қавӣ дорад ва пайваста нигоштаҳояш ба табъ мерасанд, ки дар онҳо вижагиҳои омӯзиши ин фанни ҳаётан муҳим шарҳу тавзеҳ бахшида шудааст. Вобаста ба омӯзиши фарогири фанни физика дар муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгори таҷрибаманду фидоӣ Азимхон Малахов суҳбате оростем, ки фишурдаи онро пешкаши хонандагон мегардонем.***

# ИМКОНОТИ ЗИЁД БАРОИ ОМӮЗИШИ ФИЗИКА МАВҶУД АСТ

**– Солҳои зиёдест, ки ба таълими физика дар муассисаҳои таълимӣ машғул ҳастед. Аз ин рӯ, нахуст дар бораи муҳиммияти омӯзиши фанни физика чанд сухан мегуфтед.**

– Мусаллам аст, ки физика яке фанҳои бунёдӣ дар омӯзишу донистани падидаҳои табиат мебошад ва дар шаклгириву рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон нақши муҳим дорад. Хонандагон дарку маърифат мекунанд, ки афтиши ҷисм дар наздикии сатҳи Замин ба гардиши худи Замин дар гирди Офтоб тобеи ҳамон як қонун ба ҳисоб меравад. Дар зеҳни хонанда бояд ҷой дод, ки қонуни дуюми Нютон бо он ки шакли сода дорад, шумораи зиёди рӯйдодҳо ва ба ҳаракати ҷисмҳо алоқамандро шарҳ медиҳад. Ё худ, пайдоиши индуксияи электромагнитӣ, ки Фарадей ошкор карда буд, дар рӯзгори имрӯзӣ аз кори чархаи неругоҳ то хурдтарин муҳаррику лавозимоти барқӣ нақши муассир дорад. Ҳамин аст, ки физика дар раванди омӯзишу парвариши хонандагон ҷойгоҳи вижа дорад.

Дар зимн, омӯзиши фарогиру ҳамаҷонибаи ин фанни ҳаётан муҳим имкон фароҳам меорад, ки хонандагон ба ходисаҳои табиат ва воқеоти рӯзгор бо диди амиқ ва илмӣ мусоидат намоянд.

**– Бо дастури Пешвои миллат солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардид. Нақши ин ташаббусро дар рушди фанҳои бунёдӣ чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

– Шоистаи таъкид аст, ки бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои тибиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардид ва ин иқдом омили муҳим дар рушду такомули омӯзиши физика дар муассисаҳои таълимӣ ба ҳисоб меравад. Ин дастури Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон такони ҷиддие дар рушди омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ ва ҳамзамон, роҳнамое гардид, то мақому ҷойгоҳи ин фанҳо дар сатҳи баланд қарор гирад. Метавон гуфт, ин ҳидояти Сарвари давлат барои мо, омӯзгорон, чароғи роҳнамо ва нерӯи тақондиҳанда гардид ва акнун муаллимони ин фанҳо эҳсос мекунанд, ки то кадом андоза кори онҳо дар назди ҷомеа ва давлат арзишманд аст. Аз ин ҷост, ки мактабҳо бо омӯзгорони физика таъминанду омӯзишу тадрис такмил ёфтааст ва ҷунбише дар омӯзиши ин фан ба вуҷуд омадааст. Дар зимн, тадриҷан муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннии дорои асбобҳои зарурӣ таъмин мегарданд. Тавре мегӯянд: «Шунидан кай бувад монанди дидан». Ба ҳамин маънӣ, вақте таҷрибаҳову намоишҳои имконпазирро пешкаши шогирдон мекунем, табиист, ки дарку фаҳмиши ин ё он падида дар зеҳну тафаккури хонандагон амиқтар ҷойгир мешавад. Дастрас намудани мактабҳо ба видеопроектору абзорҳои технологӣ, ба корбурди навгониҳои муосир, мисли интернету замимаҳои компютерӣ ба тақвияти омӯзиши ин фан такони ҷиддӣ мебахшад. Набояд фаромӯш кард, ки дар замони рушди бавусъати техникаву технология, дидгоҳи хонандагон низ ба ин масъалаҳо ба самти мусбат тағйир меёбад. Аз ин рӯ, омӯзгоронро зарур аст, ки ҳам аз техникаву технология бархурдор ва ҳам донишу ҷаҳонбинии пешрафтаи илмӣ дошта бошанд.



Дар расм. Муаллим Азимхон Малахов ҳангоми дарс

**– Барои рангину ҷолиб гузаронидани дарсҳо ва шавқманд кардани хонандагон ба омӯзиши физика аз кадом роҳу шеваҳо метавон истифода кард?**

– Замони Шуравӣ маҷаллаи «Физика в школе» ҳар моҳ дастраси муаллимони физика мешуд, ки барои беҳтар ва рангину шавқовар ба роҳ мондани дарсҳо маводи ҷолиберо пешниҳод мекард. Ҳамчунин, адабиёти илмиву методӣ ва дидактикӣ фаровон буд. Ҳоло мо маҷаллаи фаннӣ надорем, аммо маҷаллаҳои «Маорифи Тоҷикистон», «Маърифати омӯзгор», «Масъалаҳои методикаи таълим» ва ҳафтаномаи «Омӯзгор» ба омӯзгорон ёрӣ мерасонанд. Барои шавқовару ҷолиб роҳандозӣ намудани дарс шахсияти шогирд бояд ба эътибор гирифта шавад. Яъне, ба қавли маъруф, бо хонанда бояд кори инфиродиро ба роҳ монд. Дар ҷараёни дарс лаҳзаҳоеро биофарем, ки хонандаро ба фикр кардан водор созад. Ба назари инҷониб, бояд ҷараёни дарс бо истифодаи аёният сурат бигирад. Ҳалли масъалаҳои ҷолиб, баргузории саволу ҷавобҳои гурӯҳӣ низ хеле муфиданд. Кори дигаре, ки шавқи шогирдонро ба омӯзиши физика зиёд мекунад, барномаҳои ғайридарсӣ мебошанд. Мо машғулияте дорем, бо номи «Заковат», ки ҳамасола дар нимсолаи дуюм дар муассиса ба роҳ монда мешавад. Барои пурмазмуну шавқовар сурат гирифтани барномаи мазкур аз қабл омода мешавем. Ин барнома монанди бозии телевизионии «Что? Где? Когда?» аст. Маълум мегардад, ки бо ин усулу шеваҳо таваҷҷуҳи хонандагон ба омӯзиши физика бештар мегардад ва дар ин роҳ нақши омӯзгор бузург мебошад. Умуман, барои кор бо хонанда ва дар дили онҳо ҷой додани меҳри омӯзиши фанни физика имкон фаровон буда, дар ин самт танҳо заҳмати содиқона бояд кашид.

**– Дар ин замина, нақши озмунҳои ҷумҳуриявӣ, махсусан, «Илм - фурӯғи маърифат»-ро дар густариши омӯзиши физика чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

– Иқдоми дигаре, ки дар омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, ба вижа, фанни физика нақши муассир дорад, роҳандозии Озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат» мебошад. Ин озмун имкон медиҳад, ки шогирдони боистеъдод, лаёқатманд аз мадди назар дур намонанд. Мегӯянд, як вақтҳо зиндаёд, академик Муҳаммад Осимӣ шахсан ба мактабҳо рафта, чунин шогирдонро пайдо мекардаанд. Ҳамин корро акнун дар доираи васеъ озмуни номбурда анҷом медиҳад. Мо бар ин боварем, ки мисли озмунҳои «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Илм - фурӯғи маърифат» низ ҳамасола маҳбубияти бештар дарёфт карда, барои хубтару амиқтар омӯхтани физика нақши мусбате хоҳад гузошт.

**– Китобҳои дарсии физика то кадом андоза ҷавобгӯйи талаботи замонанд ва дар ҷараёни дарс истифодаи дигар воситаҳои аёниву таълимӣ чӣ нақш доранд?**

– Даврони истиқлол имконият фароҳам овард, ки китобҳои дарсии худро дошта бошем. Акнун барои тамоми зинаҳои мактабӣ китобҳои дарсӣ мавҷуданд. Дар мавриди ҷавобгӯ будани китобҳои дарсӣ бояд гуфт, ки ҳанӯз номувофиқатиҳое байни китобҳои дарсӣ ва барномаи таълимӣ ҷой доранд. Масалан, боби «Электродинамика» дар китоби дарсии «Физика» (синфи 10) ҷой дода шудааст, дар ҳоле ки барномаи таълимӣ омӯзиши онро дар синфи 11 пешбинӣ кардааст. Омили дигари ташвишовар аз ҳисоби соатҳои физика дар синфҳои 10 ва 11 ҷудо кардани як соати дарсӣ барои омӯзиши астрономия мебошад. Замоне дар синфҳои болоӣ омӯзиши физика то чор соат ва астрономия як соат буд. Ҳоло шогирдони равияи умумӣ дар синфҳои болоӣ ҳамагӣ ду соат физика мехонанд. Паҳлуи дигари масъалаи зикршуда, набудани ягонагии корбурди вожаҳо - истилоҳоти илмӣ мебошад. Барои мисол, якҷо **барқа**, ҷойи дигар **заряд**, якҷо **ҳарорат**, ҷойи дигар **температура**, якҷо **суди мошинҳо**, ҷойи дигар **коэффитсиенти кори фоиданок** ва ғайра омадааст.

Дар мавриди истифодаи аёният болотар ёдовар шудем. Албатта, будани кабинети физика ба низоми кабинетӣ хуб аст, аммо ҳанӯз ба таври мукаммал дастрас нест. Соли гузашта як миқдор асбобҳои аёнӣ дастрасамон гардид, ки то андозае имкон медиҳад, дарсҳоро босамару шавқовар баргузор кунем.

**– Ташаккур барои суҳбат.**

– Саломат бошед.

***Мусоҳиб***
***Насриддин ОХУНЗОДА,***
***«Омӯзгор»***

# ҲИФЗИ ВАТАН ШАРАФ АСТ!

Хиёнат манфуртарин амал аст ва хиёнаткор ба ҳеҷ ваҷҳ бахшиданӣ нест! Замон имрӯз аз мо талаб мекунад, ки ҳар чи бештар ба ин масъала диққат диҳем. Зеро дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки ҳама ҷо бонги изтироб аз хатари терроризму ифротгароӣ ба гӯш мерасад, мубориза бо тахрибкорон зарурати бештар пайдо кардааст.

Ҳифзи Ватан амали ифтихорию пуршараф аст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз ҷумлаи муҳимтарин аснодест, ки даъвати ҷавононро ба сафи Артиши миллӣ ба танзим медарорад. Мутобиқи моддаи 7-и қонуни мазкур дар ду даъват – баҳор ва тирамоҳ ҷавонон ба сафи Артиши миллӣ фаро гирифта мешаванд. Ба назар мерасад, ки ҳисси ватандӯстии ҷавонон сол то сол қавитар мешавад. Дар ин самт саҳми муассисаҳои таълимӣ ва кормандони комиссариатҳои ҳарбии шаҳру навоҳӣ дар ҳамбастагӣ бо мақомоти маҳал хеле бузург аст.

Дар шаҳри Роғун лейтенанти калон Абдуқодир Раҳимов яке аз кормандони фаъоли комиссариати ҳарбӣ мебошад. Ин ҷавон маълумоти олии омӯзгорӣ дошта, айни ҳол дар курси 3-и Академияи идоракунии назди Президенти Тоҷикистон таҳсил мекунад. Чун хидмати ҳарбиро хуб ба анҷом расонид, ӯро ба вазифаи сардори зершуъбаи даъват ва тайёрии ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ таъйин карданд. Кордонӣ, муносибати хуб бо мардум ва масъулиятшиносияш ӯро ба зудӣ миёни ҷомеа соҳибэҳтиром гардониданд. Ҳар кучо чунин ҷавонон бошанд, ҳисси ватандӯстии аҳли ҷомеа бештар мегардад.

***Талбак КАМОЛОВ,***
***собиқадори маориф, шаҳри Роғун***

**Дар заминаи Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии шаҳри Кӯлоб Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамӣ таъсис меёбад.**

*Агар мавзуъ ҳаст, сухан ёфт мешавад.*

*Горатсий*



## ТАШАККУЛИ ЗЕҲН

Дар замони ҳозира олимпиадаҳо аз математика яке аз шаклҳои асосии корҳои беруназдарсӣ буда, ҳамчун омили муҳимми ташаккули майлу рағбат ва қобилияти хонандагон ба омӯзиши математика маҳсуб меёбад.

Тайёрии хонандагонро ба олимпиадаҳо аз рӯйи се самти асосӣ амалӣ гардонидан мумкин аст: кори маҳфили математикӣ, тайёрӣ ва гузаронидани олимпиадаҳои математикии мактабӣ, истифодаи воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ-компютерӣ.

Барои дар синфхонаҳо чӣ тавр ташкил кардани маҳфилҳо, масъалаҳои олимпиада аз фанни математикаро пешниҳод менамоем. Ҳар як омӯзгор бояд кӯшиш намояд, ки масъалаҳоеро, ки дар саҳифаҳои нашрия чоп мешаванд, дар маҳфилҳои математикӣ муҳокима карда, ҳалли онҳоро ба хонандагон зина ба зина бифаҳмонад.

Аз ин рӯ, тасмим гирифтем, масъалаҳои ҷолиб ва шавқоварро, ки дар олимпиадаҳои фаннӣ истифода мешаванд, дар ҳар як шумораи ҳафтанома баррасӣ намоем.

**Машғулияти якум (синфҳои 5-6)**

1. Оё суммаи се адади пайдарпайи натуралӣ адади сода мешавад? Дутояш чӣ? Чортояш чӣ?

2. Дар навишти даҳии адади 73 ҳамаи рақамҳо воҳидҳо мебошанд, оё ин адад ба 18 тақсим мешавад?

3. Дар сабти 888888888 дар байни баъзе рақамҳо аломати ҷамъро ҳамин хел гузоред, ки дар сумма 1000 ҳосил шавад.

4. Аз панҷто 2 ва аломати амалҳо истифода бурда, адади 28-ро нависед.

5. Адади 111-ро бо истифода аз чор 2 нависед.

6. Дар тахтаи синф адади 3 728 954 106 навишта шудааст. Дар он се рақамро ҳамин хел хат занед, ки рақамҳои боқимонда бо ҳамин тартиби додашуда ба ҳадди имкон адади хурдтаринро ташкил диҳанд.

7. Даста се бозӣ гузаронид. Он як бозиро бурида, як бозиро бохта, як бозиро мусовӣ карда, сето тӯб зада, якто тӯб сар дод. Бозиҳо бо кадом ҳисоб ба охир расиданд?

8. Фигураро аз рӯйи катакчаҳо ба се қисми баробар тақсим кунед.



9. Дар пайдарпаии 12 341 234. . . . дар ҷойи 2001 кадом рақам меистад?

10. Бо адади дар тахта навишташуда амалиёти зеринро гузаронидан мумкин аст: онро бо адади дучанда иваз кунед ё дар он рақами охиринро хат занед. Чӣ тавр ба воситаи якчанд амалиёт аз адади 458 адади 14-ро ҳосил намудан мумкин аст?



# Ҳалли масъалаҳо барои омодагӣ дар олимпиадаҳо

11. Оё дар баробарии 2002–1–2–3–4–5–6–7–8=2001 якчанд минусро бо плюсҳо иваз намудан мумкин аст, ки баробарии дуруст ҳосил шавад?

12. Фигураро (расми 2) аз рӯйи хатҳои катакчаҳо ҳамин хел ҷудо кунед, ки дар ҳар як қисм яктоӣ нуқта мавҷуд бошад.



13. 9 варақи коғаз буд. Баъди онҳоро ба 3 қисм бурида ҷудо кардан 15 дона коғазпора ҳосил шуд. Чанд варақ коғазро буриданд?

14. Маълум аст, ки 7-то қалам аз 8-то дафтар қиматтар аст. 8-то қалам қиматтар аст ё 9-то дафтар?

15. 9 кг гандум ва сангҳои тарозуи 50 гр ва 200 гр мавҷуд аст. Чӣ хел дар се бор дар паллаҳои тарозу 2 кг гандумро баркашидан мумкин аст?

16. Бирён кардани 3 бурда нон талаб карда мешавад. Дар тафдон фақат ду бурда нон ҷой гирифт. Барои аз як тараф бирён кардани нон 1 дақиқа вақт лозим аст. Дар кадом вақти кӯтоҳтарин 3 бурда нонро аз ҳарду тарафаш бирён кардан мумкин аст? (Вақти рӯйгардон кардани бурдаҳои нон ба ҳисоб гирифта намешавад).

17. Дар мамлакат 27-то шаҳр аст, ки ҳар дутои он бо самти ҳавоӣ пайваст мебошанд. Дар мамлакат чанд самти ҳавоӣ мавҷуд аст?

18. 111-ҳазорӣ, 111-садӣ ва 111 воҳидро ҷамъ карданд. Кадом адад ҳосил шуд?

19. Оё квадратро ба чор қисм бурида ҷудо кардан мумкин аст, ки ҳар як қисм ба се қисми боқимонда расад (қисмҳо ба ҳам мерасанд, агар онҳо дорои қитъаи умумии сарҳад бошанд)?

20. Дар қуттӣ 4 қалами сурх ва 3 қалами кабуд мавҷуд аст. Қаламҳоро аз қуттӣ дар торикӣ мегиранд. Аз қуттӣ чанд қалам гирифтан лозим аст, ки дар байни онҳо як қалами кабуд мавҷуд бошад?

**Ҳалли масъалаҳо ва нишондоди онҳо**

1. Суммаи ду адади пайдарпай адади сода шуда метавонад, дар ҳолатҳои боқимонда, адади таркибӣ мешавад.

2. Тақсим намешавад.

3. 88+8+8+8+888.

4. Масалан, 22+2+2+2.

5. Масалан, $\frac{222}{2}$.

6. 3 728 954 106.

7. Ғалаба 3-0; бахт 0-1; мусовӣ 0-0.

8. Ба расм нигоҳ кунед.



9. Ҳар як рақами пайдарпай -4, пас аз он 1 меистад.

10. 45⇒90⇒180⇒360⇒720⇒1440⇒144⇒14 .

11. Ин ғайриимкон аст. Ифодаи ададии дар ҷойгиршавии дилхоҳи плюсҳо ва минусҳо қимати ҷуфт қабул мекунад.

12. Ба расм нигоҳ кунед.



13. 3 варақи коғаз. Ҳангоми буридани як варақи коғаз 3 – варақи нав, ҳамагӣ 6 варақи нав ҳосил мешавад.

14. 8-то қалам қиматтар аст. Аз шарт бармеояд, ки қалам аз дафтар қиматтар аст.

15. 1) Баркашии якум - 4,5 ва 4,5 кг гандум; 2) Баркашии дуюм - 2,25 кг ва 2,25 кг; 3) Баркашии сеюм - 2 кг гандум ва санги 250 г дар як палла, дар паллаи дигар - 2,25 кг гандум.

16. 3 дақиқа.

17. 351-роҳи ҳавоӣ. Ҳар як шаҳр бо шаҳрҳои дигар бо роҳи ҳавоӣ пайваст аст. Ҳамагӣ: 27 • 26 .

Аммо дар ин тарзи ҳисоб мо ҳар як роҳи ҳавоиро ду маротиба ҳисоб мекунем.

18. 122211.

19. Ба расм нигаред.



20. 5 қалам. Агар 4 қалам гирем, ҳамин хел шуданаш мумкин аст, ки ҳамаи онҳо сурх мебошанд.

*Маҳмадҷон МАҲКАМОВ,*
*номзади илмҳои педагогӣ,*
*дотсенти ДДОТ*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

## ШЕВАИ ДАРС

# Ҳар дарси хуб ҳидоятгар аст

***Тайёр намудани мутахассисони баландихтисос ва ҷавобгӯ ба талаботи муосир аз муассисаи таълимӣ тақозо менамояд, ки роҳу усулҳои гуногуни ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим мусоидаткунандаро роҳандозӣ намоянд.***

«Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) дар назди омӯзгорон вазифа мегузорад, ки ба таълими ин фанҳо диққати аввалиндараҷа зоҳир намуда, сифати таълимро ҳам дар раванди таълим ва ҳам дар машғулиятҳои беруназсинфӣ баланд бардоранд.

Тамоми омӯзгорон бояд бикӯшанд, ки шогирдонашон, пеш аз ҳама, ба моҳияту аҳамияти ин ё он фан дуруст сарфаҳм раванд, эътимоди комил пайдо намоянд, ки омӯзиши ин фан зарур ва омили пешрафти ҳаёт мебошад. Ҳар дарси шавқовару пурмазмун хоҳиши хонандаро ба омӯзиши ҳар чи бештари фанни дахлдор тақвият мебахшад. Душворомӯз будан ё осонфаҳмии ҳар фанне ба маҳорату истеъдоди омӯзгорон ва таҷрибаи онҳо алоқамандии қавӣ дорад. Инро дар мисоли таълими фанни математика хеле амиқ дарк кардан мумкин аст. Пӯшида нест, ки аксар хонандагон дар омӯзиши ин фан душворӣ мекашанд, ба он рағбат надоранд ва шавқашон коста аст. Вале шавқу завқи шогирдонро ба омӯзиши фанни математика пайдо кардан мумкин аст. Ин ҳадафро, пеш аз ҳама, бо амалҳову омилҳои зерин метавон татбиқ кард:

1. Бикӯшем, ки дарсро бо забони содаю фаҳмо баргузор намуда, ҳар як ибораву ифода ва истилоҳи илмии навро тавзеҳ бахшем, ғалатҳои хонандагонро дар гуфторашон саривақт ислоҳ намоем.

2. Ба ҳар як дарс хеле ҷиддӣ омодагӣ гирифта, китобҳои дахлдорро варақ бизанем, рӯзномаву маҷаллаҳоро таҷдиди назар бикунем, ба адабиёти методӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намоем.

3. Ҳамчун омӯзгори математика ман як навъ бойгонии худро таҳия намудаам. Он буридаи мақолаҳову формулаҳои асосии математикӣ, акси олимони математика, иқтибос аз гуфтаҳои пурҳикмати донишмандон ва монанди инҳоро дар бар мегирад. Дар машғулиятҳо бо донишҷӯён аз ин бойгонии худ истифода мебарам.

4. Аёният ва воситаҳои техникии таълимии муосир ва истифодаи онҳо аз омилҳои самаровари таълими фанни математика ба ҳисоб мераванд.

5. Бояд бо ҳамкорону ҳамихтисосҳоямон иртиботи доимӣ дошта, бо ҳам табодули таҷриба намоем, дар мавзуъҳои алоҳида баҳс намоем.

Дар сурати риояву корбасти ин омилҳо бовар дорам, ки донишҷӯён бо шавқу рағбат ба дарси математика ҳозир мешаванд.

*Моҳираи РАҲМОН,*
*номзади илмҳои педагогӣ,*
*омӯзгори калони кафедраи фанҳои риёзӣ-табиатшиносии муосири ДДҲБСТ*

## ТАРБИЯТ

Падару модар будан, аз як тараф, ифтихор бошад, аз тарафи дигар, масъулияти бузург аст. Зеро имрӯз, ки ҷомеаҳо хавфи аз даст додани фарҳангу оинҳои хуби гузаштаашонро доранд, бегумон, ин дар хислату рафтори кӯдакону наврасон бетаъсир нахоҳад монд. Дар мардуми мо мақоли хубе ҳаст, ки мегӯянд: «Фарзанд азиз, одобаш аз вай азизтар». Оре, ҳамин гуна аст, хулқу атвори писандида фарзанди моро метавонад дар чашми ҳама азиз гардонад ва дар сурати баръакс «фарзанди бад-доғи падар» мегардад.

Ривоят мекунанд, ки шахсе фарзандашро назди обиде мебарад ва мегӯяд: «Фарзанди мо беморие дорад ва хӯрдани асал ба бемориаш меафзояд, мо ҳар қадар ба ӯ мегӯем, ба ҳарфи мо гӯш намедиҳад.

# Фарзанд азиз...

Шумо ба ӯ насиҳате кунед ё роҳе бар мо нишон диҳед». Обид мегӯяд: «Фарзанди худро бибар ва чиҳил рӯз баъд биё». Он шахс баъд аз чил рӯз боз ҳам назди обид меояд. Обид писарбачаро ба назди худ мехонад ва мегӯяд: «Писарам асал ба саломатии ту зарар дорад, дигар асал нахӯр». Писарбача мегӯяд: «Ман қавл медиҳам, ки дигар асал намехӯрам». Падари писарбача каме хашин шуда мегӯяд: «Ҳамин ҳарфҳоро чиҳил рӯз пеш мегуфтед, мо ин қадар роҳро бо машаққати зиёд тай намекардем, ин ҳама ранҷ намедидем». Обид мегӯяд: «Ҳамон рӯз, ки ту фарзандатро овардӣ, ман худ асал хӯрда будам ва ба саломатии ман низ зарар дошт, ман пас аз он рӯз чиҳил рӯз асал нахӯрдам, то асари асал аз ман биравад, агар он рӯз ба фарзанди ту талқин мекардам, ӯ ба ҳарфи ман гӯш намедод, чӣ гуна метавон кореро, ки худ мекунӣ, ба дигаре манъ намоӣ?

Ин гуна ривоятҳо баёнгари онанд, ки фарзандони мо рафторҳояшонро аз мо нусхабардорӣ мекунанд. Дар ин робита, равоншиносон мегӯянд, ки кӯдак мисли коғази сафед аст, ҳар чизеро, ки бинависӣ, ҳамонро ба худ мегирад.

Чуноне ки дар боло зикр кардем, падару модар будан масъулият аст. Аз ин рӯ, падару модарро мебояд, дар таълиму тарбияи фарзанд бештар саҳим бошанд. Фарзанди худро дар руҳияи худогоҳиву худшиносӣ, ҳувияту ифтихори миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ тарбия намоянд.

*Шобибӣ ОРИФШОЕВА,*
*омӯзгори МТМУ №3-и шаҳри Бӯстон*

**Дар 5 соли оянда барои фарогирии 50 фоизи кӯдакони синни томактабӣ бунёди 800 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ба нақша гирифта шудааст.**

БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШИ ФАНҲОИ ДАҚИҚ

# Истифодаи таносубҳои химиявӣ дар ҳалли масъалаҳои биологӣ

Фаъолияти ҳар як омӯзгор бояд эҷодкорона бошад, зеро ин тақозои замон аст. Бинобар ин, бояд бо усулҳои ҷолиб хонандагонро ба омӯзиш бештар шавқманд гардонем. Дар зимн, мо, омӯзгорон, ҳангоми тадрис талош варзем, ки ҳалли масъалаҳои биологиро барои таносуби химиявӣ ба хонандагон фаҳмонида тавонем.



Ин омил малака, маҳорат ва дониши хонандагонро баланд мебардорад. Дар таълими фанни «Анатомия ва физиологияи одам» (синфи 9), ки ба ҳисобкунии элементҳои таркиби хуни одам ва нафаскашӣ бахшида шудаанд, диққати махсус бояд дод. Ҳалли чунин масъалаҳо қобилияти фикррони хонандаро бамаротиб тақвият мебахшад. Масалан, ҳангоми таҳлили мавзуи «Таркиб ва вазифаи хун. Плазмаи хун»масъалаи зеринро ҳамроҳи хонандагон ҳал кардан бамаврид аст.

**Масъалаи 1.** Агар дар организми одами калонсол 5 литр хун мавҷуд бошад, таркиби плазмаи хунро 90-92% об ва 8-10% моддаҳои узвӣ, сафедаҳо, чарбҳо, глюкоза, намакҳои минералӣ ташкил диҳанд, ҳисоб кунед, ки моддаҳои додашуда чанд граммро ташкил медиҳанд?

**Ҳал:** Ба мо маълум аст, ки 5л=5000 граммро ташкил медиҳад. Таносубро тартиб медиҳед.

5000 грамм–100%.
Х грамм–90%.

$$X=\frac{90*5000}{100}=4500$$

Барои ёфтани массаи моддаҳои боқимонда, аз массаи умумӣ 5000 грамм массаи обро кам мекунем.

5000-4500=500 грамм. Ҷавоб:4500 грамм об ва 500 грамм моддаҳои боқимонда.

**Масъалаи 2.** Маълум аст, ки эротроситхо (хуҷайраи сурхи хун) қариб 4 моҳ (120 рӯз) умр мебинанд ва ҷойи онҳоро эритроситҳои дигар иваз мекунанд. Ҳисоб кунед, ки то 20-солагӣ чанд маротиба эритроситҳои хун иваз шудаанд?

**Ҳал:** Аввал онро дар тӯли як сол меёбем, ки се маротиба иваз шудааст. Таносуб тартиб дода, ивазшавии онро дар зарфи 20 сол меёбем. Агар эритросит дар як сол 3 маротиба иваз шавад, пас дар 20 сол Х маротиба иваз мешавад. Таносубро тартиб медиҳем:

1 сол – 3 маротиба
20 сол – х маротиба

$$x=\frac{20*3}{1}=60$$

**Ҷавоб:** Дар муддати 20 сол эритроситҳои хуни одам 60 маротиба иваз мешудааст.

**Масъалаи 3.** Агар дили одами солим дар 1 дақиқа 75 маротиба кашиш хӯрад, ҳисоб кунед, ки он дар ду сол чанд маротиба кашиш мехӯрад.

**Ҳал:** Аввал кори дилро дар муддати як соат меёбем. Агар дар як дақиқа 75 маротиба дили одами солим кашиш хӯрад, пас дар 60 дақиқа х маротиба кашиш мехӯрад. Бо роҳи таносуб меёбем:

1 дақиқа–75 маротиба.
60 дақиқа–х маротиба.

$$x=\frac{60*75}{1}=4500$$ маротиба дар 1 соат

Аз ин ҷо меёбем, ки дар 1 шабонарӯз (24 соат) дил чанд маротиба кашиш мехӯрад.

1 соат – 4500 маротиба
24 соат – х маротиба

$$x=\frac{24*4500}{1}=108000$$ маротиба

Маълум шуд, ки агар дили инсон дар 1 шабонарӯз 108000 маротиба кашиш хӯрад, пас дар 2 сол х маротиба. Аз рӯйи нишондод, агар 1сол 365 рӯзро ташкил диҳад, 2 соли он ба 730 рӯз баробар аст. Аз рӯйи таносуб меёбем.

1 шабонарӯз – 108000
730 шабонаруз – х

$$x=\frac{730*108000}{1}=7884000$$

**Ҷавоб:** Дили одами солим дар ду сол 7884000 маротиба кашиш мехӯрад.

**Масъалаи 4.** Дили одами солим дар 1 шабонарӯз 100000 маротиба кашиш хӯрда, қариб 10 тонна хунро ба ҳаракат медарорад. Ҳисоб кунед, ки дили одам дар 5 шабонарӯз чанд ҳазор маротиба кашиш мехӯрад ва чанд тонна хунро ба ҳаракат медарорад?

**Ҳал:** Агар дил дар як шабонарӯз 100000 маротиба кашиш хӯрад, дар 5 шабонарӯз х маротиба кашиш мехӯрад. Таносуб тартиб медиҳем:

1 шабонарӯз –100000 маротиба
5 шабонаруз – х маротиба

$$x=\frac{5*100000}{1}=500000$$ маротиба

**Ҷавоб:** Дили одами солим дар панҷ шабонарӯз 500000 маротиба кашиш мехӯрад.

**Масъалаи 5.** Мо ҳангоми нафаскашӣ 500см³ ҳаворо фуру мебарем. Дар 1 дақиқа агар 16 маротиба нафас бигирем, пас дар 30 шабонарӯз чанд маротиба нафас мегирифтаем?

**Ҳал:** 1 дақиқа = 16 маротиба, 1 соат =960 дақиқа, 1 шабонарӯз= 23040 маротиба. Таносуб тартиб медиҳем:

1 шабонарӯз – 23040 маротиба
30 шабонарӯз – х маротиба

$$x=\frac{30*23040}{1}=691200$$ маротиба

**Ҷавоб:** Дар 30 шабонарӯз 691200 – маротиба нафас мегирем.

**Масъалаи 6.** Омехтаи ҳаворо, ки мо нафас мегирем, дар таркибаш 21% оксиген, 78% нитроген, 0,03% гази карбонат, 0,94% газҳои асил , 0,03% дигар газҳо дорад. Ҳисоб кунед, ки дар 1 дақиқаи нафасгирӣ газҳои номбурда чанд см³-ро ташкил медиҳанд?

**Ҳал:** Агар мо дар 1 дақиқа 16 маротиба нафас кашем ва ҳар як нафаси мо 500см³ бошад, онро бо роҳи таносуб меёбем.

1 нафас – 500см³
16 нафас – хсм³

$$x=\frac{16*500}{1}=8000\text{см}^3$$

**Ҷавоб:** Мо дар 1 дақиқа 8000 см3 ҳаворо нафас мекашем.

*Шариф АРАБОВ,*
*омӯзгори биологияи МТМУ №21-и ноҳияи Варзоб*

ТАҶРИБА

***Маълум аст, ки бозӣ дар ҳаёти кӯдак нақши муҳим мебозад. Ҳанӯз дар асри 18 Жан Жак Руссо гуфта буд, ки агар касе дунёи кӯдакро донистан хоҳад, дар раванди бозӣ онро мушоҳида кунад.***

# БОЗӢ ДАР ДАРСИ ТАЪРИХ

Ташкили бозӣ дар дарси таърих аз банақшагирии он оғоз мешавад. Самаранокии бозӣ дар ҷараёни омӯзиш аз он иборат аст, ки дар раванди иҷрои бозӣ маводи таълимии фанни таърих беҳтар азхуд шуда, хонандагон дониши назариявии худро дар вазъияти ношинос амалӣ мекунанд. Дар ҷараёни бозӣ хонандагон ба вазъияти ғайриодӣ дучор мешаванд, ки дар ҳаёти ҳаррӯза ба он рӯ ба рӯ нашудаанд. Иштирок дар чунин вазъият ва ҳалли иҷрои шартҳои бозӣ барои хонандагон кашфиёти нав ба ҳисоб меравад.

Омӯзгори ботаҷриба бояд ба назар гирад, ки баъд аз иҷрои якчанд бозӣ таҷрибаи хонандагон то андозае зиёд гардида, он эҳсосоте, ки онҳо дар оғози бозӣ доштаанд, кам шудан мегирад ва ҳар дафъа такрор намудани як навъи бозӣ боиси хасташавии онҳо мегардад. Аз ин лиҳоз, омӯзгорро зарур аст, ки ҳар сари чанд вақт намудҳои гуногуни бозиро ба нақша гирифта, дар дарс истифода барад.

Истифодаи бозиҳо дар дарсҳои таърих раванди омӯзишро шавқовар гардонда, ба ташаккули майлу рағбати маърифатҷӯии хонандагон мусоидат мекунад. Дар чунин дарсҳо фазои мусоид ба вуҷуд омада, қобилияти эҷодии хонандагон беҳтар мегардад. Дар давоми бозӣ қобилияти кор дар гурӯҳ инкишоф меёбад, чунки аксар вақт ғалабаи тамоми даста дар бозӣ танҳо бо саъю кӯшиши ҳар як узви он имконпазир мегардад. Иҷрои нақши душвор аз хонандагон бартараф намудани безътиноӣ ва нобоварӣ ба неруи худро талаб намуда, ба рушди зеҳн ва дарки ҳисси масъулиятшиносии хонандагон мусоидат мекунад.

Фаъолона иштирок кардан дар бозӣ аз хонандагон талаб мекунад, ки тамоми маҳоратҳои худро истифода бурда, донишҳои худро қавӣ гардонанд. Ин ё он нақше, ки хонанда дар раванди бозӣ иҷро менамояд, дунёи маънавии ӯро бой гардонда, хусусиятҳои эҷодашро инкишоф медиҳад.

Инак чанд намунаи бозиро пешниҳод менамоем, ки шояд ба ҳамкасбон дар фаъолияти амалӣ кумак расонанд.

**Бозии «Дарёфти суроға».** Омӯзгор вобаста ба шумораи хонандагон аҳли синфро ба якчанд гурӯҳ ҷудо мекунад. Ҳар як даста лифофа мегирад, ки дар дохили он номҳои шахсони маъруфи таърихӣ (Исмоил, Спитамен, Тутмос, Солон, Геродот, Тутанхамон, Дорои I, Куруш, Гомер, Сезар, Евклид, Перикл ва ғайра) навишта шудааст. Дар дасти омӯзгор боз 4 лифофаи холӣ мавҷуд аст, ки дар онҳо номи мамлакатҳо: Сомониён, Форс, Миср, Юнон, Рим ва ғайра навишта шудааст. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки дар лифофаҳое, ки номи давлатҳо навишта шудааст, номи шахсони таърихиро мувофиқ кунонда, ҷо ба ҷо намоянд.

**Бозии «Саволҳои сарпӯшдор».** Ҳар як хонанда дар коғаз вобаста ба мавзуъ саволҳоро тартиб медиҳад. Варианти 1: «Се сарпӯш». 1. Маълумот дар бораи матн; 2. Муносибати ҷавобдиҳанда ба мазмуни матн чӣ гуна аст? Андешаи мусоҳиб ба суханони дар матн зикршуда (масалан, таассурот); 3. Саволҳое, ки худаш низ ба онҳо ҷавоб дода наметавонад. Хонандагон бо хоҳиши худ варақаи саволро гирифта, вобаста ба он нуктаи назари худро баён мекунанд. Варианти 2: саволҳо вобаста ба шахсиятҳои таърихӣ дода мешаванд.

**Бозии «Ходими сиёсиро бишнос!».** Аҳли синф ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. Ҳар як гурӯҳ варақе мегирад, ки дар он номи ягон ходими давлатӣ навишта шудааст. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки вобаста ба имконият, ному насаб, солҳои ҳаёт, фаъолияти сиёсӣ маълумотеро, ки дар матн дода нашудааст, номбар кунанд.

**Бозии «Суханони кӣ?».** Муаллим ба хонандагон варақчаеро, ки дар он суханони ходимони таърих, сиёсатмадорон ва ҳакимон навишта шудаанд, тақсим мекунад. Хонандагон бояд муайян кунанд, ки ин суханон аз ҷониби кӣ, кай, дар куҷо ва дар кадом ҳолат баён шудаанд. Ба хонандагон иҷозат дода мешавад, ки барои ёфтани иқтибос аз китоби дарсӣ истифода баранд.

**Бозии «Аз даҳон ба даҳон».** Бозиро бо аҳли синф гузарондан мумкин аст. Омӯзгор барои иштирок дар бозӣ 4 нафар хонандаро даъват мекунад. Се нафари онҳо бояд аз синф берун карда шаванд. Омӯзгор аз китоби дарсӣ матнеро ба аҳли синф (хонандаи чорум ҳам) мехонад. Матн бояд кӯтоҳ, шавқовар бошад ва метавонад ҳадди аксар номҳо, санаҳо, мафҳумҳо дошта бошад. Пас аз анҷоми қироати матн ба синф иштирокчии дуюми бозӣ даъват карда мешавад. Вазифа аз он иборат аст, ки иштирокчиёни бозӣ бо навбат маълумоти аз ҳамдигар шунидаро нақл кунанд. Иштирокчии охирин (чорум) маълумотеро, ки аз суханони иштироккунандаи сеюм фаҳмид, ба аҳли синф нақл мекунад. Муҳим аст, ки бозӣ бо суръати тез гузарад ва иштирокчиёни он бе таваққуф маълумоти шунидаашонро мубодила намоянд. Баъд аз он омӯзгор матнро бори дуюм оҳиста-оҳиста хонда, ба хонандагон барои аз худ кардани мазмуни он кумак мекунад ва байни аҳли синф оид ба мазмуни матн саволу ҷавоб ташкил менамояд.

**Бозии «Қаҳрамон, сана ва воқеа».** Дар бозӣ аҳли синф иштирок карда метавонанд. Барандаи бозӣ (омӯзгор) аз назди иштирокчиён гузашта, аз яке номи қаҳрамон, аз дигаре санаи ба он мувофиқ ва аз сеюмӣ воқеаи ба онҳо мувофиқро мепурсад. Хонандае, ки аз уҳдаи баёни фикр баромада натавонад, аз бозӣ хориҷ мешавад...

Ҳамаи хусусиятҳое, ки бо истифодаи бозӣ дар ҷараёни омӯзиш баён шудаанд, имкон медиҳанд, ки бозӣ ҳамчун ёрдамчии боэътимоди омӯзгор пазируфта шавад.

*Азим ИСМОИЛОВ,*
*омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и ноҳияи Рӯшон*

БА ЁРИИ ОМӮЗГОРОН

# ИШҚ ҲАМБАСТА БО САДОҚАТ АСТ

Мавзуи ишқ дар таълими адабиёт барои хонандагони синфи XI нав нест. Агар ҳисси дӯстию рафоқат ҳанӯз аз синфҳои ибтидоӣ омӯзонда шуда бошад, мувофиқи имконият дар синфҳои боло оид ба ишқ (с.VIII-XI) сухан рондан мумкин аст. Бинобар ин, муаллим вазифадор аст, ки чунин ҳиссиёти наҷибро дар хонандаҳо дуруст тарбия намояд, то ки дар ташаккули ғояҳои олии онҳо мусоидат карда тавонад. Хонандагон бо мавзуи ишқ ба таври умумӣ бошад ҳам, то синфҳои VIII-XI аз эҷодиёти Низомӣ, Ҳилолӣ, Айнӣ, Лоҳутӣ ва дигарон шинос шудаанд. Вобаста ба ин, муаллим бояд ин мавзуъро дар эҷодиёти Ҳабиб Юсуфӣ ба таври муқоиса бо лирикаи ишқии шоирони адабиёти классикӣ ва адабиёти даврони Шуравии тоҷик омӯзонад, то ки оҳангҳои асосии лирикаи ишқии Ҳ.Юсуфӣ ба хонандаҳо равшан гардад. Таъкид бояд кард, ки шеърҳои аввалини Ҳабиб Юсуфӣ ҳам дар тақлид ва пайравии шоирони классик навишта шудаанд.

**Ёр бо ағёру мо маҳрум, кай бошад раво,**
**Душманон шод аз висолу дӯст ноком аз фироқ.**
*(Ҳилолӣ)*

**Бо ғайр ҳамканорӣ, аммо зи ман канорӣ,**
**Биншин даме ба пешам, мурдам зи интизорӣ.**
*(Ҳ. Юсуфӣ)*

ҷавоб дода метавонад. Барои тарбияи дурусти ҳиссиёти талабагон ба онҳо таълим додан лозим аст, ки калимаи ишқ дар эҷодиёти шоир маънои муҳаббати шахсӣ, Ватан, ҳаёту меҳнатдӯстиро ифода мекунад.

Ҳ. Юсуфӣ мавзуи ишқро бо мавзуи меҳнат, Ватан алоқаманд намуда, дар ҳар шеъраш як чизи нав ба хонанда туҳфа мекард. Дар лирикаи ишқии шоир муҳаббати маҳбуба, ҳаёт, меҳнат, зиндагӣ ва Ватан ба ҳамдигар зич алоқаманд буданд. Барои тасдиқи ин пайвастагии лирикаи шоир порчаи зер аз шеъри «Такя бар корат кунӣ»-ро ба хонандагон бурро хондан мувофиқи мақсад аст:

**Ту на он дилбар, ки фахр аз зеби рухсорат кунӣ,**
**Такя бар зебоии рӯи чу гулзорат кунӣ.**
**Ту на аз он моҳруёнӣ, ки пеши ошиқон**
**Ноз бар ширинии лаъли шакарборат кунӣ.**
**Аз тамоми дилбарон болотарӣ аз он, ки ту**
**Нозу фахру такяро бар донишу корат кунӣ.**

Ба хонандагон фаҳмондан даркор, ки дар порчаи фавқуззикр Ҳ. Юсуфӣ чунин ҳиссиёти инсониро тасвир кардааст, ки дар эҷодиёти шоирони гузашта набуд. Шоир дар ин мисраъҳо муҳаббат ва назокату латофати зани тоҷикро бо ишқи меҳнат ва Ватан пайваста донистааст. Духтари тоҷик дар тасвири шоир на аз он дилбаронест, ки бо рухсори мисли гул зебо, лабони шакарбор, балки бо донишу фарҳанг ва меҳнати самараноки худ ифтихор дорад. Хотирнишон бояд сохт, ки чунин тасвирҳо дар эҷодиёти Ҳ. Юсуфӣ навоварие дар образи ишқӣ мебошад.



Дар бораи қаҳрамони лирикии шоир сухан ронда, набояд фаромӯш кард, ки ингуна қаҳрамони Ҳабиб Юсуфӣ асосан занони озод ва комилҳуқуқи тоҷиканд. Дар тасвири шоир онҳо ҷӯянда ва серҳаракат, мубориву бунёдкори ҳаёти нав ва зебои хеш буданд. Онҳоро дар ҳама ҷо - саҳрову сохтмон ва заводу фабрика дидан мумкин буд.

Бо гуфтани ин байтҳо ба бачаҳо фаҳмонда мешавад, ки байтҳои фавқ дар мазмун, мундариҷа ба меъёрҳои пешинаи ишқии адабиёти классикӣ эҷод гардидаанд. Муаллим бояд қайд намояд, ки дертар дар натиҷаи мутолиаи зиёд ва дар асоси таҷрибаи ҳаётӣ мазмун ва мундариҷаи шеърҳои Ҳабиб Юсуфӣ тағйир ёфтан гирифтанд. Дар лирикаи ишқии ӯ лафзбозиҳои зиёдатӣ, мазмунҳои такрори ишқӣ барҳам хӯрда, ҷойи онҳоро ҳолатҳои ҳаётӣ бо мазмун ва мундариҷаи мушаххаси бо ҳодисаҳои иҷтимоӣ алоқаманд гирифтанд. Ӯ акнун ишқеро тараннум мекард, ки он аз фикрҳои сохтаи ғайритабиӣ берун ва дорои ҳиссиёти амиқ ва пурҳаяҷони инсонӣ буд.

**Ишқест, ки дил зи ҳастияш шод бувад,**
**Аз ғуссаву кулфату ғам озод бувад.**

Баъди шарҳи байти мазкур қайд бояд кард, ки Ҳ. Юсуфӣ на танҳо дар эҷодиёти худ ин қабил фикрҳоро талқин намуд, балки дар мақолааш таҳти унвони «Барои поэзияи муносиби давр» чанд нафар шоиронро зери тозиёнаи танқид гирифта, онҳоро ба навиштани шеърҳои дорои мундариҷаи баланди ҳаётӣ ва тасвири образҳои барҷаста, истифодаи вазнҳои ҷолиб, ташбеҳ ва истиораҳои тозаю табиӣ даъват кард.

Аксар вақт шунидан ва тамошои баъзе барномаҳои лирикии ишқӣ аз радио ва телевизион боиси пайдо шудани фикру мулоҳизаҳое дар дили талабаҳо мегардад, ки ба ҳалли дурусти онҳо тайёр нестанд. Барои ҳалли ин гуна саволҳо аз муаллими адабиёт ҷавоб мепурсанд. Муаллими адабиёт набояд ба пурсишҳои онҳо сатҳӣ ё бепарвоёна ҷавоб диҳад, балки вазифадор аст, ки аз адабиёти гузашта ва ҳозира, ҳатто, имкон бошад, аз ҳаёти шахсии адибони бузург мисолҳои мушаххас оварда, эҳтиёткорона ҷиҳатҳои нозук ва ҳассоси ин масъаларо дар хонандагон тарбия кунад. Таълими лирикаи ишқии Ҳ. Юсуфӣ ба масъалаҳои зиёди ҳаётӣ

Дар бораи образи лирикӣ сухан ронда, сифатҳои дилбари шоирро набояд нодида гирифт. Шоир тавассути кӯшишҳои навҷӯӣ, баръакси шоирони классик, ки ба қаҳрамони лирикӣ сифатҳои «нигори маҳҷабин», «сарвқомат», «шакарлаб», «садафдандон», «мӯрмиён» ва ғ. медоданд, сифатҳои нав: «нигори меҳнат», «гули навбаҳори меҳнат», «дилбари зарбдор», «парвардаи меҳнат»-ро офаридааст ва ин ҳолат ҳаминро тасдиқ менамояд, ки шоир ҳусни ҳақиқии ёрро дар меҳнати бунёдкоронаи ӯ дидааст:

**Ишқи дили ман ишқи ҷаҳони меҳнат,**
**Онро ба дилам дода замони меҳнат.**

Дар хотима ба бачаҳо фаҳмонидан даркор аст, ки Ҳ. Юсуфӣ ҳамчун шоири лирик ҳақиқатеро тасвир мекард, ки онро дар ҳаёт мушоҳида карда, худ дар ҳамон руҳия тарбия ёфтааст. Ӯ дар ашъораш ҳодисаҳои муҳимми ҳаёт, табиатро тасвир карда, кӯшиш мекунад, ки фаъолияти одамони даврони хешро ба таври ҷолиб ба қалам диҳад. Барои санҷиши дараҷаи азхудкунӣ ва фаҳмиши мавзуи нав ба шогирдон саволҳои зер дода мешавад:

1. Ҳ. Юсуфӣ дар лирикаи ишқии худ дар ибтидо ба кадом анъанаҳо пайравӣ кардааст?
2. Шоир дар шеърҳои лирикиаш қаҳрамононашро ба кадом образи анъанавӣ муқобил гузоштааст?
3. Каҳрамони лирикии шоир кист? Сифатҳои онро гӯед.
4. Шоир ба кадом анъанаҳои адабиёти классикӣ муқобил баромадааст?
5. Хусусиятҳои қаҳрамони лирикии Ҳабиб Юсуфиро боз дар эҷодиёти кадом шоирон дидан мумкин аст?

*Хайрулло РАҲИМОВ,*
*Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзгори собиқадор, ноҳияи Варзоб*

МУЛОҲИЗА

# ШУҶОАТ ВА ТАВОНОӢ - ШАРАФИ МАРДОН

Тарбияи ҳарбӣ - ватандӯстии наврасону ҷавонон мисли тарбияи ахлоқии онҳо бояд доиман дар мадди назари падару модар, омӯзгорон ва шахсони масъули соҳаи маориф қарор дошта бошад. Зеро ояндаи Ватан, пойдории амнияту осоиш, волоияти қонун ва тантанаи адолат ба шахсияти ҳаматарафа инкишофёфтаи ҷавонон вобаста аст. Барои дар ин роҳи душвор ва дурударози худсозӣ комёб шудан, ба омӯзиши фанҳои таърих, забони модарӣ, адабиёти тоҷик, ҳуқуқ ва илова ба ин, дар баробари омӯзиши илм, ба тарбияи бадан ҳам эътибор додани наврасону ҷавонон шарт аст. Дар раванди тарбияи насли наврас аз ҳама гуна имкон ва шароит бояд истифода бурд. Хусусан, адабиёти бадеӣ; ҳам асарҳои панду ахлоқӣ ва ҳам таърихӣ судмандтарин тӯша бахри рушди маънавии навҷавонон ба шумор меравад. Дар ин радиф «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ ҷойгоҳи хос дорад. Зиндагонӣ ва амалҳои шоистаи қаҳрамонони шуҷоъ ва ватанпарвар Рустам, Суҳроб, Сиёвуш, Бежан, Исфандиёр, Гурдофарид ва дигарон бузургтарин сабақи омӯзиши диловарӣ, меҳандӯстӣ ва ҳақиқатписандӣ аст. Ҳамаи қаҳрамонони номбаршуда вобаста ба дорои неруи бузурги ҷисмониву рӯҳӣ ватани худро дӯст медоранд ва барои ҳифзи он мубориза мебаранд. Устод Фирдавсӣ аз забони Рустами Дастон гуфтааст:

**Нигоҳ кун бад-ин лашкари номдор,**
**Ҷавонони шоистаи корзор.**
**Зи баҳри бару буми фарзанди хеш,**
**Зану кӯдаки хурду пайванди хеш.**
**Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,**
**Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.**

Ана ҳамин фикр, ки Ватан ивазнашаванда аст, дар замони мо ҳам арзиши барҷаста дорад. Рӯзгори фарзанди одам дар ҳама ҷо мегузарад, вале он эҳсоси гарму гуворое, ки шахс дар байни ҳамватанон ва дар хоки Ватан дорад, дар ягон ҷойи дигар ёфта наметавонад. Хирадманде гуфтааст:

**Фурӯ монда дар шаҳри худ бо хасон,**
**Беҳ аз шаҳриёрӣ ба шаҳри касон.**

Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ҷаҳони андеша ва масъулиятшиносии ҳамватанони моро комил кард. Ҳамаи мо имкон дорем, ки фарзандон ва шогирдони худро дар руҳияи ватанпарварӣ, миллатдӯстӣ, хайрхоҳӣ, ваҳдату муттаҳидӣ ва фидокорӣ тарбият намоем. Барои амалӣ кардани ин ниятҳои нек ҳама гуна шароит мавҷуд ҳаст. Фақат ҳавсала ва ҳиммат мебояду халос. Як воситаи ба роҳи худогоҳӣ ва фарҳангпарварӣ ҳидоят кардани насли наврас ва ҷавонон, иштироки онҳо дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ аст. Озмунҳои «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм - фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» ва ғайра ҳамон парвозгоҳҳое ҳастанд, ки ҷавонони мо солҳо интизорашон буданд.

*Фатҳиддин ҚУТБИДДИНОВ,*
*методисти шуъбаи маорифи ноҳияи Дангара*

ҲАМОВОЗӢ

# Сулҳу дӯстӣ – наҷотбахши сайёра

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви Созмони Милали Муттаҳид фаъолияти самарабахши созандаро зидди хатару таҳдидҳои терроризм ва ифротгароӣ густариш дода, сулҳу субот ва амнияту осоиштагии аҳолии мамлакатро ҳамчун гавҳараки чашм эҳтиёт менамояд, ки инро давлатҳои мутараққии ҷаҳон эътироф кардаанд.

Шароити мураккаби сиёсии имрӯза ба сулҳу субот ва амнияту осоиштагии тамоми кишварҳои дунё хавфу хатар ба миён оварда истодааст.

Исбот шудааст, ки ноил шудан ба ҳадафҳои нек мубориза якдилонаи тамоми кишварҳои дунёро бар зидди терроризму ифротгароӣ хоҳон аст. Гурӯҳҳои террористӣ ва ифротгароӣ якҷоя бо созмонҳои диниву миллатгароии тундрав дар аксарияти минтақаҳои ҷаҳон хушунату зӯроварӣ, хунрезиву низоъҳои диниву мазҳабиро ташкил дода истодаанд, ки ин таҳдид ба сулҳу ваҳдат ва амнияти аҳли ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Бинобар ин, имрӯз мо пешниҳоди навбатии башардӯстонаи Пешвои миллат дар Созмони Милали Муттаҳид «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда»-ро хеле муҳим ва саривақтӣ меҳисобем. Боиси хушист, ки ин пешниҳод аз тарафи СММ якдилона пазируфта шуд.

Тоҷикон аз қадимулайём ватандӯст, некному башарпарвар буда, бо номи неки худ дар тамоми ҷаҳон машҳур шудаанд. Сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои таъмин намудани сулҳу субот ва амнияту осудагӣ дар Тоҷикистон ва тамоми дунё равона гардидааст, ки онро мо, тоҷикистониён, ҳарҷониба дастгирӣ менамоем.

*Шарифҷон ДӮСТМАТОВ,*
*устоди кафедраи умумидонишгоҳии тарбияи ҷисмонии ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров*

**Маҳсулоти саноатии Тоҷикистон аз 27 миллиард ба 53 миллиард сомонӣ расонида шуд.**

АДАБ ОМӮЗ...

# ОЁ САЛОМ АЗ БАЙН РАФТААСТ?

Чандест, мушоҳида мекунам, ки баъзе хислату рафтор ва амалҳои неку бофазилат ва муаддабона дар байни қишрҳои ҷомеа, бахусус, наврасону ҷавонон ба чашм намерасад ва ғолибан, эҳтимоли аз байн рафтани ин одоби ҳамида аёну равшан аст. Аслан, шояд дар ин боб изҳори нигаронӣ ва салои бедорию огоҳӣ баланд кардани ман ҳеҷ моҳияту маънӣ ва таъсире мондагор надошта бошад?! Олам дигар шудааст, марҳалаҳои рушду такомули ҷомеа ва фактори инсонӣ тағйир ёфтааст, арзишҳои башардӯстона ва миллӣ аз кадом сӯву самте коста гардидааст ва садҳо омиле, ки метавонанд муддаиён ҳамчун далели барҳақ ва раднопазир пешорӯям гузоранд. Дуруст, мо низ ҳангоми замони ҳамин ҷода сӯйи дабистон мешитобанд. Аз наздам мегузаранд суҳбаткунону хушҳол ва мавҷи ханда дар лабонашон ҳувайдо. Аммо бахши аъзами онҳо (асосан хонандагони синфҳои болоӣ) ҳамзамон бепарвою бетафовутанд, гӯё маро, ки синнам аз шаст гузаштааст, намебинанд ва салом ҳам намедиҳанд. Вoаҷаб! Инҳо ба мактаб ба кадом мақсад шитоб доранд? Хондану дониш аз худ кардан? Адабу ахлоқ омӯхтан? Ва ин ҳама ба хотири инсони рушдёфтаю комил гардидан? Магар ҳамин тавр нест? Пас, дар он макони илму дониш, савод, фазилату адаб чӣ омӯхтаанд, ки салом–ин рукни азалии адабро, ки сарчашмаи шинохти одамият аст ва асрҳову замонҳои тӯлонӣ ниёгони мо дар лаҳзаҳои бовардани одоби салом дар байни иддае аз донишҷӯёни макотиби олӣ низ ба мушоҳида мерасад. Рӯзҳое, ки дар даври ниҳоии Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ба сифати довар аз номинатсияи эҷоди наср иштирок доштем, дар роҳравҳои Китобхонаи миллӣ ва бештар дар даромадгоҳи он, ҳангоми ворид гардидан ё ба зарурате берун баромадан, анбуҳи довталабонеро дучор меомадем, ки саросемаю беқарор буданд ва дар ин миён, хусусан, донишҷӯён (асосан писарон) ба мо имкон надода, бо шитоб пеш гузашта, (салом додан як тараф истад!) аз дар мебаромаданд. Ҳол он ки дар назди онҳо шоирону нависандагони шинохта, олимону донишмандони маъруф, ки бархе солманд ва ба ро дар мазраи дилҳо месабзонад ва ингуна дӯстию рафоқат ва ваҳдати байни одамонро қавию собит месозад.

Дӯсти зираке ҳамеша иброз медорад, ки дар ҳама вазъу ҳол салом додан ба одамонро на танҳо фарзу қарз, балки мояи ифтихору шараф медонад.

-Дар роҳи деҳа, хиёбону ҷодаҳои шаҳр, ҳатто ҳангоми ба автобусу троллейбус ва маршруткаю таксиҳо савор шудан ҳатман ба мусофирон салом медиҳам,-мегӯяд ӯ ва меафзояд, ки дигар хел рафтор карда наметавонам. Охир, бе салому алайк ба чашми одамон чӣ хел нигоҳ мекунам? Самимияти байни инсонҳо маҳз аз салом додан сарчашма мегирад.

Ҳамин тавр, мебояд дар идораву мунем ва ба касе фишору таъзир намеорем, қотеъона талаб намекунем, ки чаро фалону фалон одоби инсониро риоя ё баҷо наовардӣ. Аммо ...охир, мо тоҷикем ва бо ифтихор пайваста такрор ба такрор ба забон меорем, ки дорои таъриху тамаддуни қадимтарин ҳастем. Арзишҳои фарҳангӣ, динӣ ва илмию адабӣ, ки дарунмояи ташаккулу таҳаввули тамаддуни миллиро дар бар мегиранд, моро ҳидоят ва роҳнамоӣ мекунанд, ки боадабу фазилат ва некрою хушхулқ бошему аз табори озодагон будани худро ҳеҷ гоҳ аз ёд набарорем. Ҳароина, инсон худ ба худ некрафтору ҳамидахисол нахоҳад шуд. Дар ин роҳ омили асосие, ки ба такомули маънавии инсон таъсири неку файзбахш мерасонад, тарбия ба шумор меравад. Вале пояҳои тарбия, аз мушоҳидаҳои мо, дар таълимгоҳҳо андак-андак сусту заиф гардидаанд. Омӯзгорону устодон метавонанд (ва ин рисолати виҷдонии онҳост!) ҳадди ақал дар машғулиятҳои тарбиявӣ дар ин боб суҳбатҳои муассиру ҷолиб ва шавқовар баргузор ва ахлоқи некро ба сифати ҳусну сирати инсон баҳогузорӣ намоянд. Аз далелу мисол дида, шоҳиди барҳақ чист?

Ҳар субҳ аз хона баромада (ман дар деҳа зиндагӣ ба сар мебарам), сӯйи шаҳр равон мегардам. Роҳи банда то истгоҳ он қадар тӯлонӣ нест ва дар ҳамин фосила бо хонандагон рӯ ба рӯ меоям, ки бо ҳам дучор гардидан аввалқадам онро ҳамчун иззату эҳтироми як шахс бар шахси дигар ба ҷо меоварданд, сарфи назар намуда, гӯё ҳеҷ воқеае рух надода бошад, бепарво гузашта мераванд? Сари ин масъала бояд ҳамагон ҷиддан андеша кунем. Дар муассисаҳои таълимӣ ва муҳити оила ба шогирдону фарзандон пайваста, такрор ба такрор гӯшзаду хотиррасон кардан лозим аст, ки салом додан нишонаи асосии одамгарист. Шояд омӯзгорону устодон аз мо норозӣ шуда, даъво пеш оранд, ки дар ин бобат ҳамвора бо хонандагон суҳбат мероянд, маҷлисҳои синфӣ, ҷамъомадҳои умумимактабӣ, машғулиятҳои тарбиявӣ ва чорабиниҳои иловагии беруназдарсӣ мегузаронанд. Дуруст, аммо чун аз рӯйи ин насиҳату андарз амал мекунанд, пас мебояд шеваю василаи муассири тарбияи ахлоқии хонандагонро ҷустуҷӯ, дарёфт ва дар сатҳи нав роҳандозӣ намуд. Мешавад, ки масоили ахлоқиро вобаста ба моҳияту ҳадафи мавзуъҳои дарсӣ дар машғулиятҳои таълимӣ низ хотиррасон кард. (Аз ҷумла, дар хусуси одоби салом, эҳтироми калонсолон, некиву накукорӣ ва ғ...).

Дар ҳар сурат, хонандаи мактаб бояд эҳсос намояд, ки салом ва одоби баҷо овардани он аз рукнҳои асосии фарҳангу арзишҳои миллӣ ба шумор рафта, хусусияти умумибашарӣ дорад.

Муҷиби нигаронист, ки ба ҷо наомӯяшон сафедӣ афтода буд, қарор доштанд ва дар чунин вазъ чорае надоштанд, ҷуз он ки тааммулу дирангро ихтиёр карда, мунтазир шаванд, ки кай онҳо аз дар мебароянду аз пасашон ин шахсиятҳои шинохта. Дар ин вазъ суоле дар мағзи кас ба пайдо меояд, ки оё дар донишкадаю донишгоҳҳо ба муҳассилин дар боби одобу фазилатҳои неку ҳамидаи инсонӣ мунтазам ҷаласаҳои тарбиявӣ ва суҳбатҳои муассир анҷом медода бошанд? Агар «ҳа» (мо мутмаинем, ки ингуна тадбирандешиҳо ҳар сари чанд вақт дар макотиби олӣ баргузор карда мешавад), пас натиҷаи умедбахши ин амалҳо чаро банудрат ба мушоҳида мерасад?

Мо ҳоло дар хусуси осори бадеии таълифкардаи шоиру нависандагони адабиёти классикии тоҷику форс, ба вижа, «Калила ва Димна», асарҳои панду насиҳатии Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Саъдии Шерозӣ («Гулистон»-у «Бӯстон»-и ӯ), Абдураҳмони Ҷомӣ («Баҳористон») ва ашъори баландғояи шоирони нобиға дафъатан чизе намегӯему аз ин дурдонаҳои баҳри бекарони адабиёт иқтибосоти фаровон ҳам намеорем, чун ин осор борҳо, такрор ба такрор чоп гардидаву дар таълимгоҳҳо, дар дарси адабиёти тоҷик омӯзонда мешавад.

Танҳо таъкид карданием, ки ба ҷо овардани салом инсонҳоро ба ҳам наздик месозад, тухми садоқату самимиятассиса ва ташкилоту вазоратҳо ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир кард. Зеро салом надодан намои беэҳтиромист. Хусусан, вақте ки бо кореву зарурате ба ину он ниҳод ворид мегардед, аз дарбону котибаю дигар кормандони он дарку эҳсос кунанд, ки одоби саломро ба ҷо овардан аз ҷониби як ҳаммиллаташон моҳияти амиқу васеи гуманистӣ дорад ва ҳаргиз ба ин масъала беэътиноию нописандӣ набояд кард. Тасаввур кунед, ки шумо ба касе салом доде ду ӯ посухи салом нагуфт. Магар шумо худро хиҷолатзада ҳис намекунед? Магар ба ғазаб намеоед? Ҷавоби саломро барнагардондан нисбат ба шахси саломдода як навъ таҳқир ҳам ҳаст.

Дар ҳар сурат, гумон мекунем, сарғози ғуруру кибр, ҳавобаландӣ ва аз рӯйи таъбири «санги ман – даҳ ман» амал кардан ҳамоно ба ҳамҷинси худ салом надодану беэътиноӣ зоҳир намудан аст.

Пас, биёед, бори дигар дар ин бобат амиқ тафаккур кунем ва бикӯшем, то насли наврас ва ҷавононро дар руҳияи эҳтиром ба солмандону мӯйсафедон, некию накукорӣ ва донистани қадри ҳамдигар тарбия кунем ва ба бетафовутию аз ҳам фосила гирифтани онҳо роҳ надиҳем.

***Шодӣ РАҶАБЗОД,***
***«Омӯзгор»***

ФАРҲАНГИ ИСТИФОДА

# Паёмадҳои ногувори телефони мобилӣ

***Бо зарурате хонаи як шиносам рафтам. Дар хусуси масъалае суҳбат доштем, ки синҳораш кӯдаке сари даст хона даромад. Писараке тахмин яксола ғаш мекарду фиғон дошт. Модараш, ҳарчанд кӯшиш мекард, ки тифлак ором гирад, аммо беҳуда. Чизе ба хотираш расид магар, ки телефон ба даст гирифт, онро ба дасти тифлак дод. Гумонам, наворе буд, ки кӯдакро ба худ ҷалб кард...***

Як дӯстам набераи чандмоҳаашро ситоиш намуд:

- Бубин, набераам чандмоҳа аст, вале телефонро нағз мефаҳмад. Ман мулоимакак оқибати хуб надоштани телефонбозиро ба дӯстам фаҳмондам, ки ранҷид, вай хаёл кард, ки ман ҳам «зӯр» будани набераашро тавсиф мекунам... Ҳамаи мову шумо бо ин падидаҳо ҳар рӯз дучор мешавем. Телефонбозии ҷавонону калонсолон агар ба як одати ҳангомаомез табдил ёфта бошад, телефонбозии кӯдакону хонандагон шакли оммавӣ гирифтааст.

Модари ҷавонеро медонам, ки пеши тифлаки ду – семоҳааш навори телефонро мегузошт, дигар он тифлак ба телефон одат кард. Натиҷа ин аст, ки имрӯз он кӯдак се – чорсола шудааст, вале гунгу лол аст, ҳоло ҳам забон набаровардааст. Яъне, телефонбозӣ рушди табиии тифлакро боздошт, онро халалдор намуд ва ин модари ҷавони «доно» имрӯз пеши табибон давуғеҷ дорад.

Ин мисол бофта нест, худ ба чашми сарам дидаам. Агар як тифлак бо телефонбозӣ ба ин ҳол расида бошад, шумо тасаввур кунед, ки мо бо ин телефонбозии худ чӣ қадар кӯдакро бо дасти худ ба ин ҳолу аҳвол овардаем. Охир, аз ин мисол равшан мегардад, ки майнаву асаби тифлак халал дидааст, ки то имрӯз забон набаровардааст. Акнун тасаввур кунед, ки бо ин телефонбозӣ майнаву асаби чӣ қадар тифлакон зарар дидаанд, маълум нест. Ба андешаи ман, ҳамин оморро бояд аз сохтору шифохонаҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии кишвар дастрас кунем, вагарна ҳол ҳамин тавр рафтан гирад, баъд дер мешавад. Дер мешавад ва вақте як мушкили бузург будани он рӯ мезанад, дигар «гунаҳкорон»-ро кофтан мегирем, ҳол он ки ин айби ҳамаи мост. Ба дасти тифлакону хонандагону наврасон додани телефон бояд расман манъ ва барои ин кирдор ҷаримаҳои сахт пешбинӣ карда шавад.



Имрӯз телефонбозӣ барои ҳама танҳо ба одат не, балки ба як зарурат, ба як рукни ҳаётамон табдил ёфтааст. Ин ҷо мо тамоси телефониро дар назар надорем, мо телефонбозиро маҳкум мекунем. Ҳар ҷо ки равӣ, мебинӣ, ки ақлу ҳуши аксари мардум ба телефон банд аст. Ҳамин қадар ақлу ҳуши моро ин телефони зормонда рабудааст, ки мавридҳое салом додану алайк гирифтанро фаромӯш мекунем. Ба ҳадде моро ҷазб кардааст, ки гоҳо ҳатто анҷом додани кори ниҳоят зарурро аз ёд мебарорем. Ҳолатҳое ҳам воқеъ мешавад, ки агар касе аз мо чизе пурсад, ҳуши моро телефон ҳамин қадар duздидааст, ки чӣ пурсидани он шахсро сарфаҳм намеравем, яъне, «мавҷгирак»-амон намеқапад.

Бояд иқрор кунем, ки телефонбозӣ на танҳо ба як одати бад, балки ба як навъ беморие табдил ёфтааст, ки онро метавон «телефономания» ё «телефондард» гуфт. Худи мо, фарзандонамон, ҳар рӯз чандин соат бо телефон бандем, қиматтарин, ноёбтарин гавҳар – вақт, умри азизро аз даст медиҳем. Бисёр одамон, ҳатто, хоби шабро қурбон карда, то рӯз телефонбозӣ доранд, яъне, имрӯз бисёр фарзандонамон бандаи телефон шудаанд. Иддае ҳамчунон ба телефонбозӣ дода шудаанд, ки агар одами наздикашон онҳоро танбеҳ доданӣ шавад, даррав асабӣ мешаванду аз гиребони кас мегиранд. Ин ҳол аломати он аст, ки майнаву асаби ин одамон осеб дидааст. Табибони асабшиносу равоншинос агар ин нафаронро аз ташхиси тиббӣ гузаронанд, ман сад фоиз боварӣ дорам, ки чунин натиҷае ба даст меояд.

Дар бораи тамошои наворҳои фаҳш, хондани «осор»-и аз адабу ахлоқ дур бисёр навиштаанд, барои ҳамин, ниёз ба такрори онҳо нест, фақат таъкид ба ин нукта аст, ки ҳамаи ин ба тарбияву адабу ахлоқ сахт латма мезанад.

Телефонбозӣ хоҳ-нохоҳ ба раванди таълиму тарбия низ таъсири манфии ҷиддӣ мерасонад, раванди табиии ин ҷараёнро халалдор месозад. Имрӯз бисёр донишомӯзон бе фикр кардану андешидану дарёфтан ҳама чизро аз интернет кофтаву пайдо карда, муфтакак баҳо мегиранд, аниқаш, ба телефон баҳо мемонем. Аз ин рӯ, зарурате пеш омадааст, ки бо худ овардану истифодаи телефон дар мактаб қатъиян манъ карда шавад.

***Ҷангибеки УЛФАТШОҲ,***
***«Омӯзгор»***

**Дар соҳаи маориф 11 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 4,6 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст.**

*Ҳар кас худ сарнавишташро месозад.*
*Юлий Сезар*

«Омӯзгор»
№1, 2 январи
соли 2025

ШАМЪИ ХОТИРА

# СУҲБАТИ РӮЙИ САНГ



Мӯйсафед, ки синнаш аз навад гузаштааст, ҳар рӯз чандин маротиба аз хонаи хобаш берун шуда, рӯйи ҳавлиро давр мезанад. Ин ҳол одати ҳаррӯзаи ӯ гаштааст. Вай ба танаи дарахтони тут, гелос, зардолую бодом, шоҳтути бо дастони хеш шинондааш назар дӯхта, онҳоро бо дастони ларзон палмосида-палмосида, ба андеша меравад. Ҳарчанд чашмонаш равшан намебинанд, медонад, ки дар куҷо кадом дарахтро шинонда буд. Сипас бе асову бе муттако аз дарвоза берун шуда, рӯйи санги пахне мешинад. Раҳгузарон «салом, муаллим», «салом, домулло» гӯён аз наздаш гузашта мераванд. Азбаски гӯшаш ҳам вазнин аст, саломи онҳоро намешунавад. Агар касе аз рӯйи эҳтиром наздаш меояд, кӣ будаашро мепурсаду аксаран ба нишастан даъват мекунад. Бо мӯйсафед суҳбат кардан хеле мушкил, зеро бо тамоми овоз сухан бояд гуфт. Ҳам чашм хираву ҳам гӯш вазнин.

- Шумо кӣ, нашнохтам? Баландтар гап занед, нағз намешунавам. Вақтатон бошад, як дам шинед, аз ин тарафу он тарафи дунё гап занед. Зиқ мешавам, дилам аз танҳоӣ гӯё мекафад. Газетаву журнал хонда наметавонам, телевизор ҳам намебинам, овози радиоро намешунавам. Ҳамсолонам ҳама гузаштанд, танҳо усто Исмоил мондааст. Пирӣ кори сангин будааст,-қариб ҳар рӯз такрор мекунад ин суханонро мӯйсфед.

- Ассалому алайкум, домулло. Хуб ҳастед? Саломатӣ нағз? Зиқ нашудедмӣ?- мепурсам ӯро.

Баландтар гап занед. Ба тарафи гӯши ростам сухан гӯед, чапаш умуман намешунавад. Болои санг камтар шинед, дар дунё чӣ гапҳост? Аз вазъи боду ҳаво чӣ хабар доданд? - илтиҷоомез мепурсад ӯ ва бисёр мехоҳад, ки ман муддате бо ӯ нишаста, аз ҳар боб сухан гӯям.

- Ҳамааш хуб, дунё тинҷ, обу ҳаворо низ хуб пешгӯӣ мекунанд, борон меборидааст.

Баъде ки мо аз ҳар хусус суҳбат мекунем, устод маҷрои суханро аксаран ба сӯйи адабиёт мебарад.

Ман ба андешаронии ин муаллими куҳансоли риёзӣ, ки то нафақа баромадан ҳазорҳо шогирдро сабақ додааст, қоил мемондам ва дар дил аҳсан мехондамаш. Муболиға нест, агар гӯям, ки таҳлилҳо, шеърдониву шеърфаҳмии ӯ бисёр муаллимони адабиётро ба ҳайрат меоварад.

Нормат Норқулзода аз нахустин омӯзгороне мебошад, ки пас аз хатми мактаби олӣ ба деҳа баргашта, ба шогирдон асрори фанни риёзиро омӯхтааст. Муаллими сахтгиру донишманд буд. Ҳама ӯро эҳтиром мекардем. Рафту мисолу масъалаҳои супурдаи устодро дар хона кор карда натавонем, ҳатман «ҳамон кори анҷомдодаатро биёр, ку бинем, дар куҷо хато кардаӣ?» – мегуфт. Агар меҳнати кардаатонро нишон дода натавонед, хуб, вагарна дар тахтаи синф рост меистодеду аз танбеҳ «баҳравар» мегаштед. Ин буд, ки ҳама дар дарси риёзӣ ором нишаста, кӯшиш мекарданд, аз муаллим чизе омӯзанд. Гоҳо мо, бачагони мактабхон, аз баъзе ҳаракатҳои вай дар тааҷҷуб мемондем. Ӯ дар тахтаи синф навишта истода «Сафар, ман туро бо чашми пушти сарам дида истодаам, ки механдиву ба дарс эътибор намедиҳӣ», - ба ин монанд таъкидҳо мекард шогирдонро. Он солҳо мо – хонандагон, дар ҳақиқат, бовар доштем, ки устод дар пушти сараш ҳам «чашм» дорад.

Ҳангоми дар синфи ҳафтум хонданам воқеаи аҷибе рух дод, ки ҳамсинфон то ҳол онро ба ёд оварда, хушҳолона механданд. Муаллим Норқулзода дар синфи мо кори хаттӣ мегирифт. Мо бояд чор мисолу як масъаларо ҳал мекардем. Ман, ки сардори синфу аълочӣ будам, пас аз ҳалли мисолҳои додашуда ба анҷоми супориши панҷум гузаштам. Мутаассифона, ба хатое роҳ дода, ҷавоби масъаларо нодуруст баровардам. Дарҳол кори анҷомдодаамро дар даруни қавс гирифтаму дар вараҷаи дафтар аз нав ислоҳ намудам. Ҳангоме ки устод дохили синф гашт, ман поёни корамро менавиштам. Вай синфро давр зада, назди партаи ман омаду лаҳзае ба дафтарам чашм дӯхт. Сипас оромона бо ду даст аз манаҳу паси гарданам дошта, аз ҷоям хезонд ва ба понздаҳ партае, ки дар синф гузошта шуда буд, як-як сарамро хам намуда, «инро бин, иншаро ҳам бин, мана, ба ин ҳам нигоҳ кун», - гуфт. Мани аз асли ҳол бехабар худро таҳқиршуда ҳисобида, иноии гиряро сар додам ва «муаллим, ман чӣ гуноҳ кардам?»-гуфтам.

-Боз чӣ гуноҳ кардам, мегӯяд? О, ту агар сода набошӣ, намегӯӣ, ки ҳамаатон мисли ман кори хаторо дар қавс нагиред. Як нафаратон дар чоркунҷа гиред, дигаратон хат занед, сеюмӣ дар система гиред ва ҳоказо. Айбат ҳамин ки туи доно коратро хато анҷом додиву дигарон ба ту пурра пайравӣ кардаанд, акнун фаҳмидӣ, гуноҳатро, - бо қатъият изҳор намуд муаллим. Ман ҳарчанд дар ин кор худро бегуноҳ меҳисобидам, аз тарси устод «дигар такрор намешавад, мебахшед» гуфта, аз дасти вай халос хӯрдам.

Ман камол ёфта, низ омӯзгор ва бо тақозои тақдир бо устод ҳамкор шудам. Дар давоми чанд соли кориам бо иродаву матонат, масъулиятшиносиву ҷиддияти муаллим Норқулзода қоил будам. Боре ҳам нашудааст, ки ӯ дарсашро партофта, ба ҷое рафта бошад, ё дар дарсгузарӣ саҳлангорӣ карда бошад. Бисёр мешуд, ҳангоми аз синфхона баромадан ба танҳо дастонаш, балки шиму костюмаш ҳам аз бӯр сафед мегашт, вале ӯро ба он эътиборе ҳам набуд.

Ин дафъа суҳбати мо зери тути бедонаи бобоӣ, ки устод онро бо дастонаш сабзонидааст, идома ёфт.

- Муаллим, медонам, ки чанд боғ сабзонида, ба фарзандон бахшидед. Анвои дарахтоне, ки боғи шуморо зеб медиҳанд, дар ҳавлии дигарон нест. Сирри боғбониатон дар чист?- мепурсам аз ӯ бо овози баланд.

- Падарамро шумо нашиносед даркор. Боғи Норқулиро шунидаед ё дидаед?

- Он боғро низ медонам, дар мавзеи Сафедхокӣ, наздикии Деворбарс ҷо гирифта буд. Солҳои бачагӣ мо аз он алаф мекашондем, аз меваҳояш баҳраманд гашта, баъзан ҳангоми дашт рафтан аз ангурҳои кишмишу хусайниаш дуздӣ мекардем,-хандида гуфтам.

- Ҳа, дар хотиратон будааст. Ана, ҳамон боғ аз як гектра зиёд буд. Ҳама току дарахтони онро падарам танҳо худаш сабзонда буд. Ҳар гоҳ ки об бастанӣ бошад, чӯраҳоро чеғ зада, як бузголаро кушта зиёфат медодаасту баъд ҳамаашонро барои обронӣ то Авлод қаровул мегузоштааст. Вай бо меҳнати ҳалол боғро сарсабз гардонда буд, ки он дар даври шуроҳо мулки колхоз гашт. Падарам беҳ дошт, ки дастааш аз заранг буд. Онро ба ҳеҷ кас намедод, барояш азиз буд.

Ман он солҳо кӯдак будам, вале ба корҳои деҳқонии падарам эътибор медодам. Чӣ тавр пайванд карданро, токбурӣ, чӯяккашӣ, побел карданро аз ӯ омӯхтаам. Падарам бо ҳама ниҳолу дарахтон суҳбат карда метавонист гӯям, муболиға намешавад. Медонед, ман солҳои донишҷӯйӣ дар суҳбати устодони каломи бадеъ Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Ҷалол Икромӣ, Мирсаид Миршакар ширкат доштам. Достони «Ҷони ширин»-и Турсунзодаро азёд медонистам. О, бачаҳои ин замон чаро шеър намедонанд? Дар дасташон доимо як телефону ҳамонро кофтуков мекунанд. Ин амали хуб нест. Нағз мебуд, ки китоб хонанду адабиётро дӯст доранд. Он дар қалби инсон тухми одамият ва эҳтиром ба инсон, маърифат мекорад, -таъкид месозад ӯ.

Ман ба ин марде, ки қариб садсола асту Худованд ба ӯ ин қадар заковату иродаи мустаҳкам додааст ва ғалат намешавад гӯям, ки панҷоҳ дарсади омӯзгорони риёзии ноҳия дастпарварони ӯянд, қоил мемонаму «устод, суҳбати имрӯза кифоя, пагоҳ, насиб бошад, давом медиҳем» мегӯяму аз ҷой мехезам.

- Омада истед, бо ҳар кӣ суҳбатам кӯр намегирад. Ҳамааш гузашт, танҳоиву пиронсолӣ одамро зиқ мекардааст. Нағз медонед, болои ин ҳама машаққатҳо чор-панҷ сол муқаддам завҷаам ин оламро фониро падруд гуфт. Раҳматӣ аёли хуб, ҳамеша маслиҳатгару машваратгари ман буд. Соҳиби даҳ фарзанд гаштем. Афсӯс, пеш аз ман ин ҷаҳонро тарк гуфту маро танҳо гузошт. Охираташ обод бошад.

Хостам ба мӯйсафед чанд сухани таскинбахш гӯям, аммо гулӯямро чизе фишор дода, сухане гуфта натавонистам. Хостам, ки ӯро то хонааш раҳнамоӣ кунам. Аммо вай «лозим нест, оҳиста-оҳиста худам меравам, лекин шумо пагоҳ ҳам биёед, гапҳои гуфтанӣ бисёр» гуфта, бо қомати хамида дастонашро ба чашмонаш соябон сохта, як-як қадамзанон сӯйи кулбаи хеш равона гашт. Оянда, насиб бошад, мо, албатта, боз суҳбати рӯйи сангро давом хоҳем дод...

***Раҳматуллоҳи ШОҲИМАРДОН,***
***ноҳияи Бойсун,***
***Ҷумҳурии Ӯзбекистон***

АНДЕША

# Ҷумла, ҷумъа ё ҷилва?

***Дарси муаллим ар бувад замзамаи муҳаббате,***
***Ҷилва ба мактаб оварад тифли гурезпойро.***

Дар матбуот ва саҳифаҳои ҳафтаномаю маҷаллаҳо ба шаклҳои гуногуни ин байти машҳур дучор мешавем.

Мехоҳем доир ба калимаҳои «ҷумла», «ҷумъа» ва «ҷилва» баъзе мулоҳизаҳои худро иброз дорем.

Дар баъзе манбаъҳо ин калимаҳоро дар шакли «ҷумъа», дар мавридҳои дигар дар шакли «ҷумла» ва дар баъзе сарчашмаҳо дар шакли «ҷилва» дучор меоем.

Пас, шакли дуруст кадом аст?

Агар ба мазмуни байт дуруст мулоҳиза кунем, пай бурдан душвор нест, ки устод Ҷомӣ дар ин байт аз санъати бадеии таносуби сухан моҳирона истифода бурдааст.

Дар мисраи якуми байти мазкур калимаи «замзама» оварда шудааст ва таносуби ин калимаро шоир дар мисраи дуюм калимаи «ҷилва» донистааст.

Ин ҷо шоир гуфтанист, ки агар дарси муаллим шавқовар ва бо маҳорати баланд гузарад, бачаҳои дарсгурез ҳам ба дарс ҳозир мешаванд.

Ҳамон тавре ки замзамаи хубу дилкаш инсонро ба ваҷд меорад ва ӯ ба рақсу бозӣ ҷӯр шуданашро худ нафаҳмида мемонад.

Дар бораи калимаи «ҷумла»: гуфтан лозим аст, ки ин калима шахси танҳоро не, балки шахсони бисёреро ифода мекунад.

Аз ин сабаб, агар мо калимаи «ҷумла»-ро қобили қабул донем, пас дар мисраи дуюми байт на «тифли гурезпойро», балки «тифлони гурезпоро» навишта шавад. Ин ҷо вазни шеър вайрон шуда, фикр коста мегардад.

Дар байти зикршуда калимаи «ҷумъа» ҳам чандон қобили қабул нест.

Пӯшида нест, ки хонандагони дарсгурезу бепарво ҳанӯз дар байни мактабиён ҳастанд. Онҳо парвои хондану навиштан надоранд...

Маълум, ки барои дарси хуб гузаронидан муаллимро дониши хуб ва маҳорати баланди касбӣ лозим аст.

Хулоса, ба фикри банда, байти болоро дар шакли зер навиштан ба мақсад мувофиқ аст:

***Дарси муаллим ар бувад, замзамаи муҳаббате,***
***Ҷилва ба мактаб оварад тифли гурезпойро***

навиштан ба мақсад мувофиқ аст.

Албатта, ман як омӯзгори одии муассисаи таҳсилоти миёна ҳастам, дар даст манбаҳои зиёди адабӣ надорам (соли 2013 хонаи ман оташ гирифта буд ва зиёда аз 700 китобам ба коми оташ рафт), вале аз вазъи адабиёт тамоман бехабар низ нестам.

Андешае, ки дар боло гуфтам, натиҷаи таҳлилу мушоҳидаҳои ман аст. Боқӣ қазоват аз хонандагони нашрия.

***Нарзиқул ЮСУФОВ,***
***омӯзгори МТМУ №44-и***
***ноҳияи Деваштич,***
***Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон***

**Дар замони соҳибистиқлолӣ дар кишвар 3670 мактаб, 262 кӯдакистон ва 35 мактаби олӣ сохта ба истифода дода шуд.**

ИФТИХОР

Дар ҷаҳони имрӯза миллату кишварҳои фаъол дар ҷараёни таҳаввулоти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ беш аз пеш иштирок мекунанд ва ҳамбаста ба омилҳои дигар раванди худшиносии миллӣ рӯз аз рӯз нерумандтар мегардад. Дар ин ҷода масъалаи баррасии ҳувияти миллӣ дар адабиёт ва махсусан, дар мавриди шинохти фарҳанги миллӣ, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ дорад, аҳамияти хоса пайдо кардааст. Дар ин замина, дар тафаккури фарҳангии инсонҳо падидаи тоза тавлид мешавад ва мубодилаи хоси адабиёту фарҳангҳои милливу умумибашарӣ ба вуҷуд меоянд, ки ин мубодила хусусиятҳои муҳимми фалсафӣ, эстетикӣ ва дигар аносири зиндагиро дар худ таҷассум мекунад.

# ҲАМЕША БО ВАТАН БУДАМ!



Аз ҳамин нуқтаи назар, агар ба ҷаҳони таълифоти устод Мирзо Турсунзода ворид шавем, дарк менамоем, ки дар олами андешаҳои шоир эҳсосоти миллӣ, ватанхоҳиву ифтихори ватандорӣ миёни кишварҳои олам дар сатҳи баланд меистад.

Лирикаи шоир дорои эҳсосоти баланд ва садои пуршӯри башарият аст. Қаҳрамони лирикии М. Турсунзода пайваста аз пайи ҷустуҷӯҳо, кӯшишҳо ва дар талошу кӯшиш мебошад. Саъй ба он менамоянд, ки рӯзгори ояндаи хешро созгор бубинад ва дурнамои хешро воқеъбинона муайян намояд. Аз ин лиҳоз, қаҳрамони лирикии шоир мунтазам дар ҳолати пешравии фикрӣ ва руҳӣ қарор дорад. Мушкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳеҷ ваҷҳ дигар сади роҳи ӯ шуда наметавонад. Лирикаи мафтункунандаи М. Турсунзода хеле ҳадафрас ва ҷолиб арзёбӣ шуда, ба ҳама гуна аносири душманона ва барои ҷомеа мақбулнабуда зид мебарояд.

Таваҷҷуҳи М. Турсунзода ҳанӯз аз солҳои баъдиҷангӣ ба рӯзгори ошуфтаи мардуми Машриқзамин равона шуда буд.

М. Турсунзода ба машриқиён ҳаёти осудаи мардуми Шуравиро намунаи ибрат донистааст. Намунаи барҷастаи онро мо дар шеъри «Бахти ҷовидон» дармеёбем:

**Чӣ ғам дорам, диёри хубтар аз**
**бӯстон дорам,**
**Қавиазму зафарэҷод халқи**
**қаҳрамон дорам.**
**Ба болои сарам мурғи саодат**
**мекунад парвоз,**
**Замини сабзу хуррам обҳои**
**зарфишон дорам.**
**Дар оғӯши Ватан фазлу камоли**
**нав ба нав ёбам,**
**Ҷаҳон донад, ки бе зулму**
**асорат ман ҷаҳон дорам.**

Ин шеър ҳанӯз соли 1947 эҷод шуда буд. Сафарҳои бурунмарзӣ ҷаҳони андешаҳои шоири ширинсуханро ба куллӣ густариш бахшиданд. Ва шоир аз оромии кишвари хеш меболаду аз ҷабру зулм, парешонҳоливу дармондагии мардуми олам менолид:

**Дидани ғоратшуда Ҳиндустон,**
**Ҳолати тоқатшикани ҳиндуён.**
**Дидани як тӯдаи бедарду ғам,**
**Мардуми бегона зи лутфу**
**карам.**
**Дидани бечора гадоёни роҳ,**
**Мурдани сад марду зани**
**бепаноҳ,**
**Дар дили мо кӯҳсифат зам**
**шуданд,**
**Кӯҳи бузурги аламу ғам**
**шуданд…**

Чунин ангораҳо дар ашъори шоир бешуморанд. Дарди дили шоири мубориз аз чакидаҳои хомааш бурун меоянд. Ва онро на танҳо тариқи иншои назм аз М. Турсунзода мо метавонем дарёбем, балки ин сӯзу гудозҳо ҳангоми суханрониҳои шоир дар маҳфилу мубоҳисаҳои сатҳи маҳалливу ҷаҳонӣ фаровон ба чашм мерасанд. Масалан, дар мавриди таваҷҷуҳ ба дарди ҷонкоҳи Шарқ М. Турсунзода дар мақолаи "Дар бораи худам" овардааст: «Мавзуи Шарқ, хусусан, дар шароити ҳозира, дар рӯзҳое, ки халқҳои Осиё ва Африқо қадам ба роҳи озодӣ мегузоранд, ҳушу диққати маро фаро мегирад… Мавзуи озодии халқҳои Шарқро ман ҳеҷ гоҳ тарк нахоҳам кард. Ин мароми асосии на фақат эҷоди бадеии ман, балки тамоми фаъолияти ҷамъиятии ман аст».

Назари некбинонаи шоир ба он равона карда шудааст, ки пеш аз ҳама, бояд ҷаҳони маънавиёти инсон густариш ёбад ва заминаи муҳимми тафаккури мардуми Машриқзаминро ташаккул диҳад.

Дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода ҷанбаҳои миллӣ ва умумибашарӣ ба таври занҷира сахт алоқамананд. Осори ин шоири мубориз ва ватанхоҳ ба хонанда дари олами меҳанпарастиро куллан во менамояд. Мирзо Турсунзода, сарфи назар аз сарборecho гарони кори сиёсию иҷтимоӣ, тавонист дар давраи душвори таърихи тоҷикон вижагии инсониву маҳорати бадеии худро ҳимоя намояд.

Шоир ҳамчун намояндаи миллати тоҷик бо эҷодиёти худ шавку ҳавасро ба анъанаҳои арзишманд ва ҳақиқии назми ниёгон дубора бедор намудааст. Устод дар ҳифзи тафаккури миллӣ ва татбиқи паҳлуҳои муҳимми он дар фаъолияти иҷтимоӣ, бахусус, дар эҷодиёти худ, дар пайравӣ аз устод Айнӣ, кори бузурги бемонанд кардааст. Эътироф ва баррасии чунин бархӯрд ба консепсияи эҷодии шоир барои имрӯзу фардои адабиёти тоҷик хеле муҳим аст.

Осори Мирзо Турсунзода фарогири хислат, расму оин, тарзи зисту зиндагонӣ, забону анъана, таъриху фарҳанги миллат, аз ҳама гуна тасвиру нигоришҳои табиати дилрабои Тоҷикистони азиз мебошад. Ва ҳамаи ин хусусиятҳои хос ҷиҳатҳои миллии маҳорати адабиву шоирии ӯро нишон медиҳанд. Дар ҳар сатри ашъори шоир бӯйи Ватан, ситоиши Ватан ва сӯзу сози Ватан замзама мегардад.

Аз таҳқиқи ашъори М. Турсунзода бармеояд, ки он аз ибтидо хусусияти сирф миллӣ дошта, орзуву ормонҳои мардуми тоҷикро ифодагар аст. Беҳтарин намунаҳои ашъори шоир, ки ҳувияти миллии миллати моро ифода мекунанд, дар такмили ҳисси хештаншиносии мардум ва худшиносӣ нақши муҳим бозидаанд.

Устод М. Турсунзода, воқеан, дӯстдори Ватан буд. Дилаш аз меҳру муҳаббат ба Ватани озоду ободаш ҳамеша лабрез буд. Дар шеъри «Ватан»-и шоир ин маънирo бо тамоми самимияташ барҷало эҳсос менамоем. Шоир дар ҳар гӯшаи олам ҳамеша ёди Ватан мекунад ва онро мояи ифтихор медонад.

**Ватан, дар ҳар куҷо омад ба**
**сар форам ҳавои ту,**
**Ман аз он сӯйи уқёнус бишнидам**
**садои ту.**
**Агарчи дар миён тӯфону мавҷи**
**баҳрҳо буданд,**
**Вале омад ба гӯши ман садои**
**рӯдҳои ту.**

Маҳз ба шарофати ватандӯстӣ ва ватанхоҳӣ ба шоир муяссар шуд, ки дар тӯли зиндагӣ дӯстону рафиқони зиёде дарёбад ва шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кунад. Шеъри ӯ шеъри оламгир шуд. Ба қавли нависандаи машҳури доғистонӣ Расул Ғамзатов, «Мирзо муқаллид не, балки давомдиҳандаи назми ҳазорсолаи халқи худ мебошад,… вақте ки миллионҳо одамон дар бораи ашъори вай «Ин шеъри мо» гуфта, муаллифро «Мирзои мо, Мирзои ҳалиму саховатманд ва дилрабои мо» меноманд, барои эҷодкор хушбахтии бузургест».

Дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода манзараи сарнавишти таърихию фарҳангии тоҷикон мавқеи калонро ишғол мекунад. Дар осори шоир тоҷикон созандагони замони нав, ворисони хислатҳои миллӣ мебошанд.

Омӯзиши ҳувияти миллии шакли бадеӣ дар назми тоҷик, бахусус, дар мавриди эҷодиёти Мирзо Турсунзода аҳаммияти хоса дошта, мутаассифона, ин масъала дар адабиётшиносии мо то ҳол ба қадри зарурӣ омӯхта нашудааст.

Маълум, ки адибони аҳди Шуравии тоҷик, аз ҷумла, Мирзо Турсунзода ба масъалаи сарнавишти таърихии халқи худ аз мавқеи синфӣ назар мекарданд. Бо вуҷуди ин, Мирзо Турсунзода аз ибтидои ташаккули эътиқод ва дидгоҳи бадеии худ ба хусусиятҳои хоси миллати тоҷик таваҷҷуҳ намудааст ва афкори бадеии ӯ дар заминаи устувори анъанаҳои миллӣ рушду такомул ёфтааст. Мавзуи Тоҷикистон, ситоиши модар ва Ватан, сарнавишти таърихию фарҳангии миллат як ҷузъи муҳимми андеша ва эътиқоди ин шоири мубориз махсуб мешавад.

*Шаҳноз БАРОТИЁН,*
*устоди калони Коллеҷи*
*омӯзгории шаҳри Панҷакент*

# Сафи довталабон меафзояд

Яке аз василаҳои муайян кардани сатҳу сифати донишхонандагон баргузории олимпиадаҳои фаннӣ мебошад. Шумораи донишомӯзони мактабҳои ВМКБ, ки дар олимпиадаҳои фаннӣ ширкат мекунанд, торафт меафзоянд. Бино ба иттилои раёсати маорифи вилоят, дар даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои анъанавӣ 464 нафар иштирок карданд, ки дар қиёс бо соли пешин 122 нафар ё 36% зиёд аст. Аз ин миқдор 79 нафар ба гирифтани ҷойҳои якуму дуюму сеюм сазовор гаштанд.

Ҳамчунин, дастовардҳои мактабиёни вилоят дар озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» нисбат ба солҳои гузашта хеле беҳтаранд. Дар даври ниҳоии ин озмун 95 нафар аз вилоят иштирок намуданд ва 13 нафар ба гирифтани ҷойҳои аввал ноил гардиданд, ки аз онҳо 10 нафар хонандаи мактаби миёна мебошанд. Бори нахуст намояндаи вилоят ба гирифтани Шоҳҷоиза мушарраф гашт ва 4 нафар ба ҷои дуюм, 8 нафар ба ҷои сеюм лоиқ дониста шуданд.

*Ҷангибеки УЛФАТШОҲ, «Омӯзгор»*

ЧАШМАНДОЗ




**Барбадос: таътили 10-ҳафтаинаи хонандагон**

Низоми таҳсили Барбадос ба низоми британиёӣ пайравӣ мекунад. Аз ин рӯ, семестри якум дар нимаи дуюми моҳи сентябр ва семестри дуюм дар ҳафтаи аввали моҳи январ оғоз шуда, то охири моҳи март давом мекунад. Семестри сеюм бошад, дар нимаи моҳи апрел оғоз гардида, 11 ҳафта, яъне, то охири моҳи июн давом мекунад. Бояд қайд кард, ки таътили мактаббачагон аз 9 то 10 ҳафтаро фаро мегирад.

Инчунин, бояд зикр кард, ки маорифи Барбадос дар рушд ва шукуфоии кишвар нақши муҳим дошта, ҳамчун воситаи бартараф кардани монеаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

**Мушкилиҳо дар маорифи Гана**

Солҳои охир дар муассисаҳои таълимии Гана сифати таълим беҳтар гардида, шумораи донишгоҳҳо ва мактабҳо, бахусус, дар деҳот ва манотиқи дурдаст барои таъмини дастрасии баробар ба таҳсил кӯшишҳо ба харҷ дода мешаванд. Инчунин, донишгоҳҳои Гана доираи васеи барномаҳоро дар бар гирифта, барои донишомӯзон имконият ҳои зиёдро пешниҳод мекунад.

Ғайр аз ин, дар соҳаи маорифи Гана як қатор мушкилот низ вуҷуд дорад. Бисёре аз мактабҳои кишвар ба технологияҳои муосир, аз қабили компютер ва интернет дастрасӣ надоранд ва ҳамчунин, барномаҳои таълимӣ низ аз талаботи низоми муосир ақиб монда, ба бозори меҳнат мувофиқат намекунанд.

**Факултетҳои гуногун дар Донишгоҳи Гайана**

Дар Гайана дараҷаи гуногуни мактабҳои миёна мавҷуданд. Хонандагон баъди хатми мактаби ибтидоӣ имтиҳон месупоранд ва мувофиқи натиҷаи он муайян мегардад, ки онҳо минбаъд таҳсилро дар кадом муассиса идома хоҳанд дод. Пас аз хатми муассисаҳои миёна низ ҳамин раванд идома дошта, онҳо аз рӯйи натиҷаи имтиҳонҳо ба муассисаҳои олӣ дохил мешаванд.

Донишгоҳи Гайана яке аз муассисаҳои олии машҳури мамлакат ба ҳисоб рафта, дар пойтахти Гайана, шаҳри Ҷорҷтаун ҷойгир аст. Донишгоҳи мазкур факултетҳои гуногунро, аз қабили факултети маориф ва илмҳои гуманитарӣ, факултети илм ва муҳити зист, факултети хоҷагии қишлоқ ва ҷангалпарварӣ, факултети тиб, факултети илмҳои гуманитарӣ... доро мебошад.

**Замбия: имтиҳони ниҳоии муассисаҳои миёна – имтиҳони дохилшавии муассисаҳои олӣ**

Низоми таълим дар Замбия аз таҳсилоти асосӣ ва маълумоти миёна иборат аст. Таҳсилоти асосӣ дар навбати худ се давраро дар бар гирифта, давраи якум 4 сол, давраи дуюм 3 сол ва давраи сеюм 2 солро фаро мегирад. Зинаи маълумоти миёна бошад, ба мӯҳлати 3 сол давом мекунад ва ба он синфҳои 10 то 12 фаро гирифта мешаванд.

Ҳамчунин, хатмкунандагони муассисаҳои Замбия барои гирифтани шаҳодатномаи хатм имтиҳони ниҳоӣ месупоранд ва ин имтиҳонҳо метавонад имтиҳони дохилшавӣ ба муассисаҳои олии мамлакат низ бошанд. Бояд қайд кард, ки ин навъи имтиҳонсупорӣ дар аксари кишварҳои дорои низоми таълимии забони англисӣ ба роҳ монда шудааст.

*Таҳияи Ирода ТИЛАБОВА, «Омӯзгор»*

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТУ №131792, ки онро соли 1986 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №13-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Шарипова Бобогул Абдурауфовна додааст, эътибор надорад.

Ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ВМКБ 92 корхонаю коргоҳи нави истеҳсолӣ ба истифода дода мешавад.

*Дар гуфтану нагуфтан андоза нигаҳ дор.*
*Сур Публий*



ТАВАҶҶУҲ

# Обуна ба ҳафтаномаи «Омӯзгор» барои соли 2025

Агар хоҳед, ки дар соли 2025 аз навовариҳои соҳаи маориф ва илм огоҳ бошед, амру фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илм ва асноди соҳаро сари вақт дастрас намоед, аз таҷрибаи судманди ҳамкасбон огоҳ гардед, таҷриба, андеша ва дархости худро пешниҳод карда тавонед, аз эҷоди бадеии ҳампешагон огоҳ бошед, ҷолибтарин нигоштаҳоро оид ба умдатарин масоили рӯз мутолиа кунед ва сатҳи донишу маҳорату малакаи худро пайваста боло бардоред, ба нашрияи дӯстдоштаи худ – «Омӯзгор» обуна шавед.

*Нархи обуна барои як сол бо иловаи хидмати почта – 184 сомонию 93 дирам*

**СУРАТҲИСОБИ МО**

*КВД БА ТҶ «Амонатбонк» РМБ 350101626*
*с/ҳ 20202972200817101000 РМА 010009400*
*ҳ/м 20402972316264 Ба «Омӯзгор»*




СОЗАНДАГӢ

# Оғози бунёди муассисаҳои нави таълимӣ

Дар доираи омодагӣ ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷамоати шаҳраки Шарораи шаҳри Ҳисор бо ташаббуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ва дастгирии соҳибкорони саховатпеша мактаби нав бунёд карда мешавад.

Дар маросими оғози сохтмони мактаби нав иброз гардид, ки бунёди ҳар мактаб дар самти рушди соҳаи маориф муҳим мебошад.

Бинои мактаби нав дуқабата буда, барои 480 хонанда дар ду баст сохта шудааст. Мактаб дар арафаи соли хониши 2025-2026 мавриди истифода қарор мегирад.

***

Дар доираи корҳои ободонию созандагӣ ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар деҳаи Сангистони ноҳияи Айнӣ санги асоси бинои кӯдакистон гузошта шуд. Мувофиқи лоиҳа, бино аз ду ошёна ва таххона иборат буда, ба тарбия фаро гирифтани 120 кӯдакро пешбинӣ менамояд.

Раиси вилояти Суғд зимни суҳбат бо сокинони деҳаи Сангистон иброз дошт, ки имрӯзҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилоят сохтмони иншооти гуногун идома дошта, то ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 ҳазор иншоот сохта, ба истифода дода мешавад.

Танҳо дар ноҳияи Айнӣ бунёди беш аз 595 иншоот ба нақша гирифта шуда, то кунун зиёда аз 400 адади он мавриди истифода қарор гирифтааст.

***

Бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҳаллаи 8-уми шаҳри Ҳисор мактаби хусусии байналмилалӣ барои 420 хонанда бунёд карда мешавад, ки ҳоло сохтмони он босуръат идома дорад.

Дар партави сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамзамон, дар деҳаи Ҳаёти Нави Ҷамоати деҳоти Ҳисор муассисаи томактабии хусусӣ барои 220 кӯдак сохта мешавад.

Дар шаҳри Ҳисор бо мақсади рушди соҳаи маориф ва фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳсили хонандагон тадбирҳои муассир ва сариваҳтӣ андешида мешаванд. Ин аст, ки давоми 11 моҳи соли 2024 дар доираи нақшаи чорабиниҳо бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди муассисаҳои таълимии №67, 92, 104, 122 биноҳои иловагии мактаб мавриди истифода қарор гирифта, муассисаи таълимии №143 таъсис ёфт.

Инчунин, аз 146 синфхонаи иловагии нақшавӣ 66 адади он мавриди истифода қарор дода шуд.

САЙҚАЛИ ЗЕҲН

# Муаммои «Дақиқ»




*Аз боло ба поён:*

2. Давлат дар қитъаи Осиё. 3. Ҳуҷҷати расмӣ – коргузорӣ. 4. Исми маъмули занонаи тоҷикӣ. 5. Даст кашидан, партофтан, гузоштан. 7. Нахустин Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон. 9. Шаҳр дар шимоли Тоҷикистон. 10. Муқобили «қимат». 11. «*** намову фуруд о, ки хона хонаи туст» (Ҳофиз). 12. Ҷунбиши сатҳи об аз ҳаракати об ва туғён. 13. Понздаҳ, бист, сиву ду.14. «Вис ва ***», достони адабиёти классикии тоҷик.

*Аз чап ба рост:*

1. Воситаи аёнӣ дар таълими география ва таърих. 4. Ҳунарпешаи театр ва кино. 7. Муаллифи достони «Хусрав ва Ширин». 8. Нависандаи халқии Тоҷикистон.11.Дарё дар Россия. 15. Асъори миллии Германия.16. «Шиша сандон шиканад, ***атола дандон шиканад» (Зарбулмасал). 17. «***и манзари чашми ман ошёнаи туст» (Ҳофиз).18. Мардум, халқ (бо арабӣ). 19. Истилоҳи илми ҳарбӣ.

*Мураттиб Ҳотами ҲОМИД, «Омӯзгор»*

Агар дар таълим мабӣ нест, Шаш тараф ба беҳоқ барӯи бояд. 
ОМӮЗГОР
НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА 225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Раҳим САИДЗОДА
Абдулло РАҲМОНЗОДА
Ҷамшед ҶӮРАЗОДА
Равшан КАРИМЗОДА
Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА
Дилшод САФАРЗОДА
Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ
Абдурауф МУРОДӢ 225-81-58 (ҷонишини сармуҳаррир)
Насриддин ОХУНЗОДА 225-81-57 (котиби масъул)
Шодӣ РАҶАБЗОД
Ҳотами ҲОМИД 225-81-57
Шаҳноза БОБОМУРОДОВА (муҳаррирон)

МУХБИРОН
Ирода ТИЛАБОВА
Хуршеда АЗИЗОВА (Душанбе)
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ (ВМКБ)
Суҳроб АЗИЗӢ (вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА (вилояти Суғд)

Саодат ЭРГАШЕВА 225-81-61 (масъули обуна)
Зарнисор НИЗОМОВА (ҳуруфчин)

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири ҷандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба ӯҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

**Нишонӣ:** 734025, ш. Душанбе, хиёбони Айнӣ - 126.

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид.
**Индекси обуна:** 68850.
**Адади нашр:** 40310 нусха

Почтаи электронӣ:
n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома:
www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора Ҳ. Ҳомид